Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

10 декабри соли 2003. Чоршанбе № 94 (12937)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 19.30 имзо гардид.

Соли 2004 Соли меҳр ва мурувват эълон гардид

Зери мафҳуми «меҳр» ва «мурувват» мо дар ҷамъият мустаҳкам гардидани дӯстӣ ва якдигарфаҳмӣ, ризоияти байни миллатҳо, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои ноил шудан ба ин мақсадҳо, баланд бардоштани нақши маҳаллаҳоро дар ҷараёнҳои ҷорӣ мефаҳмем.

Ислом КАРИМОВ.

Суханронии Президент Ислом Каримов дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ёздаҳумин солгарди Конституцсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ассалому алайкум, ҳамватанони мӯҳтарам!

Дӯстони азиз!

Шумо, азизон, дар шахси шумо тамоми халқро бо иди солгарди ёздаҳумини Конституцсияамон аз сами-ми қалб муборакбод менамоям.

Мо ҳар сол ин санаи пуршарафро дар пойтахт — Тошканд, вилояту шаҳрҳо, тамоми мамлакатамон васеъ ҷашн мегирем. Дар ин рӯз мо дар бораи мавқеъ ва аҳамияти Қонуни Асосӣ, дар бораи вазифаҳое, ки вай дар пеши мо мегузорад, ҳарф мезанем.

Ба фикрҳои маърӯзаи пурмазмуни Раиси Суди Олӣ Фарруха Муҳиддинова ҳамроҳ шуда, бо иҷозати шумо баъзе фикру мулоҳизаҳои ба Конституцсияамон алоқадорро изҳор намуданиям.

11 сол аст, ки мо аз рӯи Қомуси Асосиамон, ки на танҳо қиёфаи имрӯзаи давлату ҷамъият, тарзи ҳаётамон, балки ояндаамонро муайян мекунад, асоси ҳуқуқӣ ва таҳкурсии мақсади начибамонро таҳким медиҳад, зиндагӣ мекунем.

11 сол аст, ки дар роҳи расидан ба мақсаду марраҳое, ки дар Конституцсияамон зикр ёфтааст, дар кишварамон фароҳам оварданд ҳаёти осоишта, озод ва фаровон, баланд бардоштани некӯаҳволии халқ фидокорона меҳнат мекунем.

Хуллас, дигаргунсозиҳои мусбии дар ҳаёти ҳар як оила ва ҳар як шаҳрванд ба амал омадаистодаро мо ба сифати ифодаи амалии меъёру талаботи дар Конституцсия муайяншуда қабул мекунем.

Аз ин рӯ, ба роҳи дар ин давра тайнамуда баҳо дода, натиҷаву комёбиҳоро бо мақсадҳое, ки Конституцсия ба пешамон гузоштааст, муқоиса намуда, мо бояд хулосаҳои дахлдор барорем.

Албатта, дар бораи комёбиҳое, ки дар ба ҳаёт татбиқ намудани ғояҳои Конституцсияамон ба даст оварда шудааст, дигаргунсозиҳои дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ ба амаломадаистода бисёр ҳарф задан мумкин.

Вале аз фурсат истифода бурда, диққати шуморо ба боз як муаммою нуқсонҳои дар ҳаётамон то ҳол ҳалношуда, монеаҳои дар пеши роҳамон кундаланг истода нигаронданиам. Дар хусуси ҳаллу бартараф намудани онҳо бояд фикр кунем.

Зеро агар мо ба фаъолиятамон аз нуқтаи назари таҳлили ҳаётӣ баҳо надиҳем, камбудиву хатоҳоеро, ки то ҳол рӯ ба рӯ меоем, эътироф накунем, дар барҳам додани онҳо ҳеҷ кас аз берун омада ёрӣ намедиҳад. Ин ҳақиқати талхро ҳамаи мо дар ҳаётамон, дар мисоли худ дидаем ва мебинем.

Соддатар ифода намоем, ҳаминро хуб дарк бояд кард, ки ҳам комёбиамон ва ҳам камбудиамон танҳо ба худамон тааллуқ дорад. Камбудиҳо, мушкилиҳо ва норасоиҳо пеш аз ҳама бо айби худамон пайдо шуданд ва барои бартараф намудани вай худамон ҷавобгарем.

Аз рӯзҳои аввали истиқлолият, мо ба қувваи худӣ, ақлу заковат, анъанаву қадриятҳои миллӣ, дину забонамон такя намуда, комёбиҳои дунёи демократии озодро ба назар гирифта, роҳи ба худ хоси пешрафтро интихоб намудем ва ин сиёсатро бо қатъият пеш мебарем.

Дар ин давра чи қадар рӯзҳои душворро паси сар кардем, худи ҳаёт моро аз озмоишҳои зиёд гузаронд. Агар ба назар гирем, ки имрӯз ҳам — инро кушод бояд гуфт — дар ҷаҳон, дар ҳоричи дуру наздик, то ҳол вазъияти ноустувор ва чашм мерасад, хавфи терроризм пурзӯр мегардад, тасаввур кардан душвор нест, ки мо дар чи хел замони таҳлуканоку хавфнок зиндагӣ мекунем.

Ба фикрам, дар бораи дар чунин шароит чи қадар вазифаи мураккаб будани ҳифзи сулҳу осоиш дар мамлакатамон, собиткадамона рафтан аз роҳи интихобнамудаи пешрафт гап задан зиёдатӣ мебуд.

Аз ин минбар истода, дар назди имрӯзамон ва авлоди оянда масъулиятамро амиқ дарк намуда, як ҳақиқатро бо қатъият таъкид карданиям, ки мо ба ҳеч кас тобеъ нашуда, ба гирдоби бозиҳои мухталифи сиёсӣ наафтида, минбаъд ҳам сиёсати мустақиле, ки ҷавобгӯи манфиати миллиамон аст, давом медиҳам. Агар мисли баъзеҳо кур-курона аз рӯи нишондоди кимкиҳо мерафта бошем, аз рӯи масъалаҳое, ки тақдиромонро ҳал мекунад, дурро надида, қарорҳои сатҳӣ қабул кунем, ба фикрам, умри ин хел сиёсат кӯтоҳ мегардад. Ва охиру охирон ин роҳ ба оянда-амон зарар мерасонад, ба оқибатҳои вазнин меорад.

Мо хуб медонем ва таъриҳи ҷаҳон аз он далолат медиҳад, ки танҳо он давлат ва миллате, ки аз анъанаҳои миллӣ, қадрияту решаи таъриҳӣ дур нашудааст, қадру қимат ва ғуруроширо ҳимоя карда метавонад, ба мақсад мерасад.

Ба ин маънӣ сиёсати дохиливу беруниамон, ки дар асоси тамоюлҳои Конституцсия барпо ёфтааст, дар ин давра аз озмоишҳои мухталифи ҳаётӣ гузашт. Ҳатто, баъзе сиёсатмадорону таҳлилчиёни ба мо рӯи хӯш надошта, дуруст будани роҳи моро эътироф карданд ва ин сиёсат натиҷаҳои мусбӣ мебахшад.

Ба ин комёбиҳои дар тамоми зинаҳо ва дар ҳамаи соҳаҳоба даст оварда — сохти сиёсӣ ва иҷтимоии давлату ҷамъият, ки дар асосҳои нави демократӣ ташаккул меёбад, модели ба муносибатҳои бозаргонӣ гузаштани иқтисодиёт, барпо намудани Қувваҳои Мусаллаҳ, ки ба таъмини ҳифзи сулҳ дар мамлакат ва дахлнопазирии сарҳадҳои вай, дар арсаи байналхалқӣ баланд бардоштани обрӯи Ӯзбекистон, эҳёи қадриятҳои миллӣ ва худшиносӣ қодир аст, исбот шуда метавонад. Дар ҳамаи ин дуруст будани роҳи мо интихобнамуда ва ислоҳоти зина ба зина ба амал баровардашудаистодаро дидан мумкин аст.

Дигаргуниҳои куллии иқтисодиёт ва пеш аз ҳама тамоми сохторҳои соҳаҳои пешрави он, ба вуҷуд омадани равандҳои нави ҳозиразамон ва ҷабҳаҳои истеҳсолӣ, баланд шудани ҳаҷм ва иқтидори содиротии маҳсулоти рақобатбардор, ба даст омадани озодтабодулии асъори миллӣ оид ба муомилоти ҷорӣ ва боз ҳам мустаҳкам гардидани он, мутобиқсозии нарх ва умуман инкишофи мӯътадили иқтисодиёт—ҳамаи ин имрӯз имкон медиҳад бигӯем, ки сатҳи ҳаёти мардуми мо рӯ ба беҳбудӣ дорад.

Чунон ки маълум аст, ба наздикӣ ҷамъбасти мониторинги иҷтимоии Созмони байналхалқии бачагонаи СММ—ЮНИСЕФ дар соли 2003 интишор гардид.

Дар ин ҳуҷҷат, ки ба санадҳои аниқ ва обективӣ асос кардааст, муваффақиятҳои мо дар бобати ҳимояи модар ва кӯдак, умуман ҳаёти инсон ва манфиатҳои он эътироф мегардад.

Дуруст мебуд, агар бигӯем, ки дигаргуниҳои афкор ва ҷаҳонбинии одамони мо, оламе маънавии онҳо бинобар таҳозои замон гувоҳи муҳими равандҳои навсозӣ мебошанд.

Бешубҳа, барои такмил ёфтани ҳама гуна ҷамъият асосҳои моддӣ заруранд. Бидуни ин наметавон инкишофи ҳозиразамонро тасаввур кард. Вале барои ин барои ҳаёти инсон сифатҳои маънавӣ ҳамчун обу ҳаво заруранд.

Барои ҳамин ҳам дар кишвари мо масъалаҳои маърифат, таълиму тарбия ва маънавият дар мақоми аввал қарор доранд. Рӯҳи бедории миллӣ, ғояҳои миллӣ ба ҳаёти мо торафт бештар ворид мегарданд.

Дӯстони азиз!

Агар аз ман бипурсанд, ки ҳоло ба кадом самти инкишоф бояд афзалият дод, ман соҳаҳоро зикр менамудам, ки онҳоро худи ҳаёт солҳои охир пеш мегузорад.

Дар сиёсати хорича мо бояд бо ҳамсоягони дур ва наздики худ забон ёбем, муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамчавориро мустаҳкам намоем, бо давлатҳои бузурги олам муносибатҳои баробарҳуқуқро инкишоф диҳем, дар ин ҷумла давлатҳои ИМА ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Русия ва Чин, Ҷопон ва Куриёи Ҷанубӣ ва ғайра ҳастанд. Бояд имкониятҳои онҳоро ва муносибати самимии ин кишварҳоро нисбати ҳуд баҳри ҳамкории дучониба истифода намоем.

Дар сиёсати дохилӣ самти аз ҳама муҳим ин озодкунии тамоми чабҳаҳои ҳаёти мо ба шумор меравад.

Яъне вазифа аз он иборат аст, ки дахолати давлатро дар иқтисодиёт, ки пойдевори инкишоф ба шумор меравад, истиқлолият ва озодии корхонаҳои хоҷагидорӣ ва созмонҳоро таъмин менамояд, ба таври куллӣ кам намоем, равандҳои иқтисодиёти бозоргониро на дар суҳан, балки дар амалия татбиқ намоем, кафолати ҳуқуқии онҳоро таъмин созем.

Аз ҳама муҳимаш бояд барои инкишофи тадбиркорӣ имкониятҳои васеъро ба миён оварем. Бояд нирӯи тиҷорати хурд ва миёна, хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ, одамони корчаллон истифода бурда шавад.

Имрӯз саҳми онҳо дар маҳсулоти асосии дохилӣ аз се як ҳиссаро ташкил медиҳад. Яке аз вазифаҳои рӯзмарра он аст, ки дар панҷ-даҳ соли наздиктарин ин нишондиҳандаро то 50-60 фоиз боло бардорем.

Ин чиз, дар навбати худ имкон медиҳад, ки бисёр масъалаҳо, пеш аз ҳама дар соҳаи бекорӣ, ҳаллу фасли дигар мушкилоти иҷтимоӣ, таъмини мӯътадилии ҷамъият аз байн бардошта шаванд.

Ин иқдом, ки роҳи сиёсати хориҷӣ ва дохилии моро муайян менамоянд, ин суханонро бо тамоми масъулият мегӯям, аз он ҷиҳат аҳамияти ҳалкунанда дорад, ки мардуми мо ва насли оянда озод ва мустақил зисту зиндагӣ намоянд, ҳамқадами ҳамҷамъияти ҷаҳон бошанд, аз ягон кас камӣ надошта бошанд.

Ҳамватанони мӯҳтарам!

Ба ҳамаи шумо маълум аст, ки ҳар як солро бо номи муайяне номгузорӣ кардан дар кишвари мо ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Ба ин минвол мо ба маркази диққати ҷамъият яке аз мушкилоти рӯзмарраи ҳаёти худро пеш мегузорем ва диққати мақомоти давлатӣ ва ҳукумати маҳаллиро ба ҳаллу фасли ин муаммоҳо менигаронем.

Баробари ин ҷамъиятро, тамоми одамонеро, ки дар кишвар зисту зиндагӣ мекунанд, даъват менамоем, ки ба ин кор ҳиссаи арзандаи худро гузоранд.

Бигирем, ҳар кадом солро аз соли 1997-ум, хоҷ он Соли манфиатҳои инсон ё ҳуд Соли оила бошад, Соли бонувон ё ҳуд Соли насли солим бошад, Соли модарон ва кӯдакон ё ҳуд Соли манфиатҳои насли калонсол бошад дар асоси ҳар кадоми онҳо мо мақсадҳои нек ва саъю ҳаракатҳои некро эҳсос менамоем.

Шумо низ хуб медонед, ки соли саввуми садаи навро Соли маҳаллаи обод номида, мо ниятҳои некро дар назар доштем.

Агар барномаи махсусеро, ки ба ин мақсадҳо кор карда баромада шуд ва натиҷаҳои ниҳоии онро арзёбӣ намоем, метавонем хулоса барорем, ки он пеш аз ҳама ба беҳ сохтани шароити зисти ҳар як инсон ва ҳар як оила нигаронида шуда буд.

Фикр мекунам, ки мо, албатта, ҷамъбасти корҳоеро, ки дар Соли маҳаллаи обод ба вуқӯъ пайвастанд, дида мебароем. Ҳисоботи кормандони масъулро оид ба ин масъала ҳам дар марказ ва ҳам дар маҳалҳо, ҷамоаҳо муҳокима менамоянд ва бешубҳа, ба ин корҳо баҳои сазовор дода хоҳад шуд.

Бояд ба кори фаъолоне, ки ташаббускор ва созмондиҳандагони тамоми корҳои нек дар тӯли сол будаанд, баҳои муносиб дода шавад.

Ман мехостам онҳоеро, ки на барои ҳисобот додан, намоиш додани муваффақиятҳои ҳуд ва шунидани ташаккур балки ин корҳоро бо даъвати дили ҳуд барои ҳамсоягон, барои маҳалли зодгоҳи ҳуд сидқидилона иҷро намудаанд, ба оғӯш кашида, самимияти амиқи ҳудро изҳор намоям.

(Давомаш дар саҳ.2).

Хушо, «Овози тоҷик»!

Муроҷиати ҷамъомади фаъолони ноҳияи Самарқанд ба муштариёни «Овози тоҷик»

Азизон, соли 2004 ба ташкилёбии рӯзномаи ҷумҳурии «Овози тоҷик» ҳаштод сол пур мешавад. Имрӯз рӯзнома аз нашриҳои бонуфузи Олӣ Маҷлис ва Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аст, ки далели ҳурмату эҳтиромӣ ҳукумат ва Президент ба тоҷикону тоҷикзабонони ҷумҳурият аст. Ҳаштод сол аст, ки рӯзнома мехмони хонадони меҳнаткашон-муштариён шуда, баҳри камолоти маънавӣ ва посдории муқаддасоти миллию умумиинсонии ҳамватанонамон ҳиссагузорӣ мекунад.

Дар саҳифаҳои рӯзнома дар бораи ҳаёт ва фаъолияти коргарон, деҳқонон, донишҷӯён, хизматчиён, олимон, адибон, омӯзгорон, хонандагон кулли соҳибони касбу ҳунарҳои дигар мунтазам хабару мақолаҳо, шеъру ҳикояҳо ва ғайраҳо чоп мешаванд. Ҳамчунон имрӯз ҳам чун пешин ҳар як қонуну қарори ҳукумат ва фармонҳои Президентро бо забони модариамон дастраси ҳамагон месозад, ки мояи ифтихору ғурури ҳар яки мост. Зеро ин маъной онро дорад, ки мо бо ҳамдигар ба забони модарии ҳуд гуфтугӯ мекунему ҳукумат ва Президентамон ҳам бо воситаи ин рӯзнома бо мо аз рӯи ҳурмату эҳтиром ба забони модариамон гап мезананд. Мо ин шарафи олӣ ва неъмати бебаҳоро, набояд, ки аз даст диҳем. Бояд ба чунин ғамхорию меҳрубонӣ шукронаҳо гӯем.

Вале ҳазор афсӯс, ки рӯзномаи маҳбуби мо, падари матбуоти тоҷик—«Овози тоҷик» дар арафаи ҳаштодсолагии муборакаш ба меҳри мову шумо зор шудааст. Яъне бо сабабҳои гуногун сафи обуначиёнаш ба ҳадди паст расидааст. Шояд нархи он андаке қиммат шуда бошад. Вале ин ҳаргиз ба мову шумо ҳаққу ҳуқуқ намедиҳад, ки қарзи фарзандии ҳудро фаромӯш кунему шарафи инсонӣ — ҳимояи забони модариамонро аз даст диҳем.

Магар ягон фарзанди асилу баор бо баҳонаи набудани пулу маблағ аз падару модари азизаш як бурда нону як ҳаб доруро дареғ медорад? Асло! Дилу ҷонашро ба гарав дода, падару модари ҳудро аз дарду мӯҳтоҷӣ начот медиҳад. Ҳудоро шукр, ки мову шумо аз дигар ҳамдиёронамон камӣ надорем. Соҳиби хонаю дар, касбу кор, як бурда нону забону имон ҳастем. Наҳод аз ӯҳдаи парастории нигаҳбонии падари матбуоти тоҷик набароем, ки дардманду ранҷур шуда, мӯҳтоҷи меҳри мо, доруи дармони мо гаштааст. Ин ҳолат моро водор мекунад, ки пеш аз ҳама ҳудамон ба рӯзномаи дӯстдоштаамон обуна шавем ва дӯстон, ҳамдеҳаҳо, ҳамшаҳриён, ҳамдиёронро низ ба ин кори хайр даъват кунем. Ҳарчи тезтар кӯшем, беҳтар аст, зеро вақт хеле кам мондааст. Фурсат ғанимат, дӯстон, «Овоз» ғанимат дӯстон. Доруи давои падари матбуотамон шавем.

Доруи давои мо — обуна!

Дуои вафои мо—обуна!

Бигзор бо меҳру марҳамати мо ин пири ҳаштодсола соли дигару ҳамасола ба хонадони ҳар яки мо бо рӯҳи ҷавонию сурури зиндагӣ ворид шуда, паёми забони модарию ҳамзабонон биёрад ва мо бо ифтихор ба даст гирифта хонему гӯем!

Хушо, «Овози тоҷик»!

Хушо, «Овози тоҷик»!

Иштирокдорони ҷамъомади фаъолони ноҳияи Самарқанд.

«Овози тоҷик» — барои ҳама

Гузориш аз сӯҳбат бо ҳаводорони «Овози тоҷик» дар ноҳияи Самарқанд

Худо накунад, ки падар ё модаре бемор шавад орому қарори фарзандону пайвандон гум мешавад. Яке пеши табиб медавад, дигаре ба дорухона, сеюмӣ ба бозор... Хуллас ҳар кас алоқадри ҳол мекӯшад, ки андаке ҳам бошад ба дарди бемор дармону шифо бахшад.

Халқи мо дар ҳаққи чунин фарзандон чӣ мегӯяд? Фарзанди асил, меҳрубон, ҳалол, бо имон... Ҳузури фарзандоната бин! Барака ёб! Хока гирӣ, зар шавад!

Худо накунад, ки гоҳо акси ҳол ҳам мешавад. Модари аз бемеҳрии фарзандон мӯҳтоҷи бурдаи нон зору ҳайрон мемонад. Падаре дар бистари беморӣ аз шиддати дард ба ҳуд печида, чашм ба роҳи фарзандони сангдил медӯзад, ки шояд аз ҳолаш хабар гиранд!

Халқи мо дар ҳаққи чунин фарзандон чӣ мегӯяд? Бадзот, бадгуҳар, бадбахт, номард, нобакор, ноҷинс, кӯрнамак... Ту ҳам ҷавоби амалат аз фарзандон бин! Кӯр шав! Нон гуфта кулӯҳа газ!

Оё чӣ шуду чӣ монд, ки имрӯз модари матбуоти тоҷик—рӯзномаи «Овози тоҷик» дар арафаи ҳаштодсолагӣ мӯҳтоҷи меҳри мову шумо зору низор мондааст. Обуна дораду обуначӣ не!

Эй халқи азиз, дар ҳаққи ҳуд чӣ гӯем? Оё чӣ шуду чӣ монд, ки имрӯз падари матбуоти тоҷик—рӯзномаи «Овози тоҷик» чун пири ранҷуру танҳо ба дарди ҳуд печида, дармону давоеро интизор.

Эй халқи азиз, дар ҳаққи ҳуд чӣ гӯем?...

Аҳли Самарқанди бостонӣ рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро, ки миқдори обуначиёнаш ангуштшумор мондааст, имрӯз ба чунин ҳолу чунин қиёс мебинанд. Албатта ҳудро низ гунаҳкор меҳисобанд, ки овораи ташвиши рӯзгор муддате аз ҳолаш бехабар мондааст. Вале аз имрӯзу минбаъд ягона рӯзномаи чумҳурии тоҷикиро, ягона рӯзномаеро, ки дар саросари олам бо номи «Овози тоҷик» нашр мешавад, пуштибонию мададгорӣ хоҳанд кард. Мо инро ҳангоми мулоқотҳои вакилони рӯзнома бо меҳнаткашони вилоят, хусусан ноҳияи Самарқанд барҷаста ҳис кардем. Агар гӯем, ки дар мулоқот бо ходимони идора ҳама гули сари сабади ноҳияи Самарқанд ҷамъ омадаанд, хато намекунем. Инак, фишурдан он мулоқоту он дидорбиниҳо.

Ҳокими ноҳияи Самарқанд Б. Саъдуллоев баъди маърифии меҳмонон ба сармуҳаррири рӯзнома Ш.Вакилов суҳан дод, ки ӯ аз чумла гуфт:

—Мо аз сӯҳбату мулоқот бо шумо, хеле шодем. Ҳамчунон ба роҳбарони вилоят, хусусан ҳокими вилоят Ш.Мирзиёев, ҷонишини ӯ Йӯлдош Суюнов, ҳокими ноҳияи Самарқанд Б.Саъдуллоев ташаккури беҳад мегӯем, ки барои вохӯрдани мову шумо шароиту имкон фароҳам оварданд.

(Давомаш дар саҳ.2)

Навигариҳои вилояти Намангон

Ҳаҷми содирот меафзояд

Дар корхонаҳои саноатии вилоят ҳаҷми маҳсулоти дорои сифатҳои ба андозаву меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобдиҳанда сол то сол меафзояд. Инро аз афзудани миқдори маҳсулоти ба кишварҳои хорӣ содиршаванда пай бурдан мумкин. Соли равон ҳаҷми маҳсулоти ба хорӣ содиршуда 107,8 фоизро ташкил намуд. Дар корхонаҳои вилоят ҷамъ ба миқдори 43 миллиону 345 ҳазор доллари ИМА маҳсулоти саноатӣ ба кишварҳои хорӣ содир гардид.

Дар ҳаҷми маҳсулот аҳли меҳнати корхонаҳои муштараки «Силк-Роад» (Ӯзбекистон-Ҷопон), Поп-Феп (Ӯзбекистон-Туркия), «Нестле» (Ӯзбекистон-Швейтсария) ва ҷамъияти саҳҳомии «Намангонтекстил» саҳми арзанда мегузоранд.

Нахи ҳосили нав ба хорӣ

Мингбулоқ. Аҳли меҳнати ҷамъияти саҳҳомии пахтатозакунии «Гулбоғ»-и ноҳия нахустин ашёи пурқимати саноатӣ—нахи ҳосили пахтаи соли 2003-ро ба ҳамкорони хорӣ, ба фабрикаҳои бофандагии кишварҳои Россия, Швейтсария, Италия, Олмон фиристоданд.

—Харидорони маҳсулотамон асосан фабрикаҳои бофандагии Италия, Россия, Олмон ва Швейтсария ба шумор мераванд. То ҳол ба саноатчиёни кишварҳои номбурда беш аз 800 тонна ашёи хом фиристодем,— гуфт муҳандис-молшиноси ҷамъияти саҳҳомӣ Собирҷон Олимов.

Дарзмоли Намангон

Дар сехи нави ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзэлектротерм»-и шаҳр, ки асосан дастгоҳу асбобҳои барқӣ тайёр мекунад, истеҳсоли боз як маҳсулоти серталабу серхаридор—дарзмол ба роҳ монда шуд. Азбаски дарзмолҳо нисбат ба маҳсулоти хорӣ арзон аст, талаб ба онҳо меафзояд,—гуфт раиси ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзэлектротерм» Абдуқаҳҳор Гаффоров.

Имрӯзҳо дар корхона беш аз 200 намуди дастгоҳу асбобҳои барқии барои эҳтиёҷи мардум зарур истеҳсол мешавад.

А.НУРИДДИНОВ, мухбири худамон.

Дар бораи кушоиши ҷаласаи сенздаҳуми Олӣ Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм

Ҷаласаи сенздаҳуми Олӣ Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм фардо, 11 декабр соати 10.00-и пагоҳирӯзӣ дар толори Олӣ Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон кушода мешавад.

Ба таваҷҷӯҳи намояндагони Олӣ Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ба қайд гирифтани намояндагони Олӣ Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон имрӯз, 10 декабр аз соати 9.00 то 18.00 ва фардо, 11 декабр аз соати 8.30 то 10.00 дар Олӣ Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба амал меояд.

Ба таваҷҷӯҳи намояндагони Олӣ Маҷлис, ки ба ҳайатҳои фраксияҳои депутатии ҳизбҳои сиёсӣ ва блокҳои депутатӣ дохиланд

Имрӯз— 10 декабр соати 15.00 дар Олӣ Маҷлис ҷамъомади блоки депутатҳои гурӯҳҳои ташаббускори интихобкунандагон, фраксияи ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ва блоки депутатҳои мақомоти намояндагии ҳукумат ба амал меояд.



Ҷамъияти саҳҳомии «Ҷиззахпластмасс» аз корхонаҳоест, ки тартиби кори ҳудро куллан нав кардаанд. Маҳсулоте, ки ин корхона истеҳсол мекунад дар анборҳо намемонанд. Молҳои ниёзи мардум, плёнкаҳои полиэтиленӣ, ки дар хоҷагии қишлоқ ва хатҳои об ба кор мераванд, талабгорони зиёд доранд. Корхона супоришоти нӯҳмоҳаи имсолаи ҳудро 102 фоиз иҷро намудааст. Меҳнаткашони корхона ният доранд, ки соли 2003-юмро бо даромади хуб ҷамъбаст намоянд.

Дар сурат: *операторони сехи қубурҳои полиэтиленӣ* ***Нормат Эшпӯлодов*** *ва* ***Шералӣ Ҳудоёров.***

Суратгир Р.АКБАРАЛИЕВ.

Роҳи интихоби дуруст

Вилояти ТОШКАНД. (Мухбири ӮзА Назокат УСМОНОВА хабар медиҳад). ***Дар клуби байналхалқии «Ҳамдӯстӣ» бахшида ба 11-солагии Конституцсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон вохӯрӣ баргузор гардид. Онро ҳокимияти вилояти Тошканд ва кумитаи бонувони вилоят созмон доданд.***

Дар вохӯрӣ фаъолони истеҳсолот, маҳаллаҳо, кумитаҳои бонувон, намояндагони созмонҳои байналхалқӣ ва корпуси дипломатӣ иштирок карданд.

Чунон ки дар ҷамъомад қайд гардид, дар таъриҳи ҳар кадом кишвар ва ҷамъият санаҳои хотирмоне мавҷуданд, ки бо мурури замон аҳамият ва қадри онҳо баландтар мегарданд. Рӯзи Конституцсияи Ӯзбекистон низ ба ҷумлаи чунин санаҳои таъриҳӣ дохил мегардад. Он натиҷаи хирадмандӣ, афкори сиёсӣ ва иҷтимоиву ҳуқуқии мардуми мо мебошад. Ин ҳақиқатро 11 соли гузашта бори дигар тасдиқ менамояд. Тамоми нишондодҳо, меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар Қонуни Асосӣ ифода ёфтаанд, дар рӯзгори ҳамарӯзаи шаҳрвандони мо инъикоси равшани ҳудро пайдо мекунанд.

Суханронии Президент Ислом Каримов дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба ёздаҳумин солгарди Конституцияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

(Аввалаш дар саҳ.1)

Одамоне, ки тамоми ҳаёти худро ба халқ мебахшанд, аксар ҳангом аз назарҳо дур мемонанд, вале онҳо вазифаҳои бағоят муҳим ва заруриро барои ҷамъият, ки сазовори эҳтиром ва ҳурмат мебошанд, ба ҷо меоваранд. Гумон мекунам, шумо бо ман ҳамфикр мебошед.

Дӯстони азиз!

Шояд ҳоло аз хусуси корҳое, ки бинобар барномаи «Соли маҳаллаи обод» ба амал омадаанд, зарурати маълумоти муфассал додан нест, мехоҳам танҳо чиҳатҳои муҳими онро ёдрас шавам.

Пеш аз ҳама дар тӯли сол корҳои васеъмиқёси бунёдкорӣ оид ба минбаъд ободонсозӣ ва кабудизоркунии маҳаллаҳои мо ба амал омаданд. Бисёр иншоати фарҳангиву маишӣ сохта шуданд, майдончаҳои нави варзиш, хиёбонҳо ва боғҳои нав бунёд гардиданд.

Чунончи, дар маҳаллаҳо 310 гузар бунёд ёфт, дар шаҳрҳо ва деҳот зиёда аз 25 миллион бех ниҳоли дарахт шиноида шуд, бори ин кор 1 миллиарду 745 миллион сӯм масраф гардид.

Барои хуб гардонидани таъминоти маҳаллаҳо бо гази табиӣ ва оби нӯшокӣ, ки алҳол вазифаи рӯзмарра ба шумор меравад, тақрибан ба ҳазор километр қубурҳои об ва 1322 километр хатти нақли газ кашида шуданд. Ин ҳаёти одамонро, бахусус шароити зисту зиндагии занон, модарон ва хоҳаронро моро хеле сабуктар кард.

Ғайр аз ин дар маҳаллаҳо ва мавзеъҳо зиёда аз ҳазор километр роҳҳо тармим ва беҳ сохта шуданд.

Он чиз хурсандиовар аст, ки корҳои зиёд бо усули ҳашар ба амал омаданд. Ин анъанаи неки гузаштагони мо идома дорад. Дар ин бобат тақрибан иштироки 12,5 миллион ҳамдиёронамонро, ки бо ташаббуси фаъолони маҳаллаҳо дар арафаи ҷашни Наврӯз ва ҷашни истиқлолият ба ҳашари умумихалқӣ баромадаанд, бешубҳа, метавон боз як ифодаи суннатҳои миллӣ арзёбӣ намуд.

Он чиз сазовори эътибор аст, ки соли равон аз ҳисоби бунёд намудани корхонаҳои хурд ва миёна дар худуди 5630 маҳалла 155 ҳазор ҷойи нави кор ба вуҷуд омад, дар натиҷа 110 ҳазор шаҳрвандони камтаъмин ҷои кор пайдо намуданд.

Бонкҳои тиҷоратӣ ба ин мақсадҳо дар ҳаҷми 36 миллиарду 155 миллион сӯм кредит ҷудо карданд. Аз бунёди ҳамкории давлатӣ низ барои бо кор таъмин намудани аҳолӣ 8 миллиард сӯм ҷудо карда шуд, аз он ҷумла барои инкишоф додани тадбиркории оилавӣ зиёда аз 1 миллиарду 700 миллион сӯм ҷудо гардид, ки ба ҳаллу фасли бисёр муаммоҳо мусоидат кард. Дар ҳаҷорҷӯбаи барнома дар ҳаҷми 1 миллиарду 200 миллион сӯм кӯмаки хайрия расонида шуд. Ба зиёда аз 400 ҳазор заноне, ки ба тарбияи фарзандони то дусола машғуланд, давлат нафақа медиҳад, ба 180 ҳазор оилаҳои камтаъмин дар ҳаҷми тақрибан 4 миллиард сӯм кӯмаки моддӣ расонида шуд.

Бар илова, зикр бояд кард, ки аз ҷониби Бунёди чумхурии «Маҳалла» ва шӯъбаҳои ҳудудии он ба оилаҳои камтаъмин 509 миллион сӯм ҷудо гардид, 240 ҳазор бачагони оилаҳои камтаъмин дар лагерҳои тобистона бепул истироҳат намуданд.

Кори васеъмиқёс дар бобати ба куҳансолон расонидани ғамхорӣ, ки соли гузашта оғоз ёфта буд, дар соли 2003 низ давом кард.

Чунончи, зиёда аз 25 ҳазор нафақахӯрон ва маъюбон танҳо дар ҳаҷми 630 миллион сӯм ёрии моддӣ гирифтанд, барои хариди дорубор, пардохти коммуналӣ, барқарор намудани саломатӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо гардиданд. Зиёда аз 28 ҳазор мӯйсафедони танҳо дар корхонаи ортопедии чумхурӣ ва шӯъбаҳои ҳудудии он аз назорати тиббӣ гузаштанд, ба 78 фоизи маъюбон протезҳо тайёр карда шуд.

Дар бобати мустаҳкам намудани иқлими маънавӣ, омӯхтани анъанаҳои пешқадаме, ки дар онҳо ташаккул меёбад ва суннатҳои нек оид ба тарғибу ташвиқи онҳо низ дар маҳаллаҳо корҳои зиёде ба амал баромаданд.

Дар ин бобат офарида шудани асарҳои илмию оммавӣ ва публисистӣ, филмҳои мустанад ва барномаҳои телевизионӣ, созмон додани намоишҳои мухталиф дар мавзӯи мазкур метавонанд мисоли равшан бошанд.

Аз ҷумла, дар ситод-ҳуҷраи Брюсселии НАТО ва бисёр шаҳрҳои Белгия намоишгоҳи «Маҳаллаҳои Ӯзбекистон: одамон, анъанаҳо ва урфу одатҳо», ки ба 12-солагии истиқлолияти Ватани мо бахшида шуда буд, баргузор гардид.

Махсус зикр бояд кард, ки мо соли сипаришудаистодаро ба соли ҳалли муаммоҳои маҳалла табдил дода, барои корҳои аллакай оғозёфта ва бисёр корҳои дигар такони пурқуввате дарёб кардем. Пеш аз ҳама барои ҳаллу фасли қонунии бисёр муаммоҳое, ки ба васеъ гардонидани ҳуқуқ ва вазифаҳои маҳаллаҳо, мустаҳкам намудани нақш ва таъсири онҳо ба ҷамъият вобастаанд, имкониятҳо фароҳам омаданд.

Баробари ин эътироф бояд кард, ки як қатор муаммоҳои маҳаллаҳо то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Минбаъд онҳо бояд дар маркази диққати мо бошанд.

Чунончи, ба ҳамаи шумо, албатта маълум аст, ки интихобот ба мақомоти ҳудидораи шаҳрвандӣ дар кишвари мо ҳоло ба вазъи ҳалқунанда қарор дорад.

Аҳамияти ин интихобот дар ҳаёти кишвари мо хеле бузург аст. Маҳз дар ҳамин ҷо тақрибан 10 ҳазор оқсақолҳои маҳаллаҳо, зиёда аз 75 ҳазор мушовирони раисҳо, ҳамчунин раисони комиссияҳои мухталиф интихоб мегарданд.

Бо назардошти муҳимияти масъалаи мазкур дар ҳаёти ҷамъият бо мақсади минбаъд баланд бардоштани мақоми раисони ҷамоаҳои шаҳрвандӣ ва мушовирони онҳо такмил додани фаъолияти онҳо, гумон мекунам, бояд қонуни алоҳидаи дахлдор қабул гардад. Корҳои тайёр кардани пешниҳод оид ба васеъ намудани ҳуқуқ ва вазифаҳои онҳоро мувофиқи мақсад медонам.

Дӯстони азиз, чунон ки ба мо маълум аст, дар назди мо оид ба куллан беҳ сохтани ҳаёти мардумонамон дар маҳаллаҳо як қатор вазифаҳо истодаанд. Ҳамаи мо эҳсос менамоем: идома додани корҳои неки оғозёфта ва ба анҷом расонидани онҳо наметавонад дар тӯли як сол ба амал ояд, ё ҳуд наметавон ба онҳо бо барномае кафолат дод.

Барои ҷалб намудани эътибори ҳамагон, дар як ҷо ҷамъ овардани нирӯҳо ва имкониятҳои ҷамъият ва халқ ба корҳое, ки дар кишвар амалӣ мегарданд, пешниҳод мекунам, соли фарорасидаистодаи 2004 Соли меҳр ва мурувват эълон карда шавад.

Чун аз хусуси меҳр ва мурувват сухан оварем, мо пеш аз ҳама ғамхориро нисбати маъюбон ва ятимон, камбисотон, одамони бепарастор, шахсони танҳо ва мӯйсафедонро пеши назар меоварем.

Аз хусуси меҳр ва мурувват ҳарф зада, мо дастгирии моддӣ ва ахлоқиро нисбати одамоне, ки ба ин ниёз доранд, оилаҳои камтаъмин ва серфарзанд, онҳое, ки бо ин ё он сабабҳо наметавонанд ҳудро худашон таъмин намоянд, дарк менамоем.

Дар зери мафҳумҳои «меҳр» ва «мурувват» мо таҳкими дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмиро дар ҷамъият идрок менамоем, ризоияти байналмилалӣ, барои расидан ба ин мақсадҳо ба вуҷуд овардани шароитҳои зарурӣ, мустаҳкам гардидани нақши маҳаллаҳо дар равандҳои ба вуқӯъояндаро дарк менамоем.

Имрӯз мо маҳз ҳамин гуна мақсадҳоро пеш мегузорем ва сиёсате, ки ҷорист, ба талаботи давлат, вазифаҳои ҷамъияти нав куллан мувофиқат мекунад.

Бо назардошти ин мехоҳам диққати шуморо ба як масъалаи муҳим нигаронам. Оре, имрӯз мо бо роҳи сохтмони давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ равонем, муносибатҳои бозаргонии муайяни иҷтимоиро устувор менамоем.

Аз рӯҳҳои аввали истиқлолият мо модели ба ҳуд хоси иқтисодӣ ва иҷтимоиро интихоб намудем ва бар хилофи дигарон эълон намудем, ки барои мо хеле давлатманд шудани як қисми аҳолӣ ва бағоят камбағал будани қисми дигар мувофиқи мақсад нест, фаъолияти амалии имрӯзаи мо маҳз ба ҳамин самт нигаронида шудааст. Ҳама меҳоҳанд, ки давлатманд бошанд, серу пур зиндагӣ кунанд. Ин саъю ҳаракати табиӣ ва муқаррарӣ аст.

Давлат, ҷамъият бояд барои ба амал баровардани имкониятҳои ҳар як инсон, ки Худованд ба ӯ ин имкониятҳоро эҳдо намудааст, имкон диҳанд, ба оилаҳо ва одамони камтаъмин кӯмаки зарурӣ расонанд.

Аммо ҳар як инсони некӯҳаволе, ки виҷдон ва диёнат дораду аз аҳволи вазнини ҳамсояи ҳуд огоҳ аст, танҳо бо ин кӯмак маҳдуд шуда наменамонад.

Вай ба эҳтиёҷмандон ҳам аз чиҳати моддӣ ва ҳам аз чиҳати ахлоқӣ кӯмак хоҳад расонд. Ин қарзи инсонии ӯст. Маҳз чунин рафтор ба суннатҳои воқеии миллии мо мусоидат менамояд. Бовар дорам, ки ба одамоне, ки бо чунин ақида зисту зиндагӣ доранд, Худованд илтифот кунад, корҳои хайри онҳоро ба чандин карат қадр менамояд.

Ҳамватанони мӯҳтарам!

Соли меҳр ва мурувват идомаи мантиқии Соли маҳаллаи обод хоҳад гардид. Ободонии маҳалла пеш аз ҳама бо ҳолати рӯҳии инсон таъин мегардад. Мо соли дароз таҳти шиори «Соли маҳаллаи обод» зисту зиндагӣ кардем. Ва имрӯз, гумон дорам, ба он чиз, ки корҳои хайри дар ин фурсат ба амал омада, чӣ қадар таъсири неки ҳудро гузоштанд, эҳтиёҷ нест.

Мо соли омадаистодаро Соли меҳр ва мурувват номида ба он чиз саъй дорем, ки дар афкори одамон эҳсос ва андешаҳои некбинонаро бедор намоем, пеш аз ҳама ин эҳсосоти нек бояд дар дили фарзандони мо бедор гарданд, қисмати чудоинопазири ҳаёти миллати мо бошанд. Воқеан, мо алҳол гувоҳи он ҳастем, ки орзуҳои асринаи мардум, инак дар тӯли 12 сол ба ҳаёт татбиқ мегарданд.

Истифода аз анъанаҳои неки мардумӣ, урфу одатҳо ва суннатҳои динӣ боиси қарор ёфтани муносибатҳои некхоҳонаи байни одамон мешавад, ба мустаҳкам шудани оила, ки гаҳвораи муқаддаси инсон ба ҳаёти бузург мебошад, боис мегардад.

Қарзи ҳуд медонам, ки аз ин минбар ба одамони бузургсол, оқсақолон ва фаъолони маҳаллаҳо, модарон, хоҳароне, ки бояд рӯи рост эътироф намоям, дар ҳаёти ҳуд бисёр душвориҳоро паси сар намудаанд ва такягоҳи ҷамъияти мо мебошанд, сари таъзим фуруд оварам. Ҳар як вохӯрӣ ҳамчунин бо шумо, азизони ман, ба ман хурсандӣ ва нирӯ мебахшад.

Ман хушбахтам, ки имконият дорам ба шумо ва дар шахси шумо ба тамоми мардумамон муҳаббат ва эҳсосоти самимии ҳудро бирасонам.

Ҳамаи шуморо боз як бор бо 11-солагии Конституция табрику муборакбод намуда, ба шумо саломатӣ, хушбахтӣ ва комёбиҳо орзу мекунам. Беҳбудӣ ва фаровониро дар оилаҳои шумо таманно дорам.

Маҳбуби ҳама

Очерк

Ӯ табиатан мӯйсафеди орому ботамкинест. Субҳи барвақт хестан ӯро одат гаштааст. Замоне, ки ҳамсари меҳрубону мушфиқаш дар қайди ҳаёт буд, баробараш аз хоб мехест. Нонушта тайёр мекарду ӯро ба кор гусел менамуд ва ҳуд аз ҳаси кори рӯзгор овора мешуд. Чанд сол қабл ҳамсараш ин ҷаҳонро падруд гуфту ӯро танҳо гузошта рафт. Ҳар соату ҳар лаҳза набудани ҳамсари меҳрубонаш аён гардад ҳам, ба ин танҳоиҳо тоқат мекунад.

— Зиндагӣ ҳамин будаст,— баъзан зери лаб мегӯяд вай. Ва боз ҳудро тасаллӣ медиҳад: — Чунки тақдир чунин буд, чӣ тадбир кунам?..

Ин пагоҳӣ низ барвақт хест. Оҳиста рӯи ҳавлӣ баромад. Насими саҳарӣ мадҳин-маҳин мевазид. Аз ҳар ҷониб хурӯсҳо гулӯ даронида соҳибони хешро аз хоби гарон бедор карданӣ мешуданд. Гӯиё ба забони шоир гуфтан мехостанд:«Аввали субҳ аст, хез, охири дунё фаност». Воқеан ҳам, охири ҳама ҳастиҳо нестист. Эҳ, дар ин ҳавлӣ чӣ қадар тӯю сурҳо, чӣ қадар шодиву хурсандиҳо ба амал омаданд. Бар ин шодиву нишотҳо ҳамсари мушфиқу меҳрубонаш сару бар буд. Ва ҳоло низ ин гуна тӯю хурсандиҳо идома доранд, вале сад афсӯс, ки ҷои ӯ дар ин шодиҳо абадӣ холист. Дили мӯйсафед андаке ба риққат омада, дидагонаш нам гирифтанд. Вале зуд ҳудро ба даст гирифт, дар шӯъҷаи барқ ниҳоли пурбори гӯё ба вай таъзим мекард. Чанд сол қабл аз ин бо ҳамсараш ин дарахти себро аз деҳаи Авлод оварда шиноида буд. Ниҳоли навбар зуд ба ҳосил даромад ва чанд сол аст, ки бор меовараду аз меваҳои он наберагонаш баҳра мебардоранд. Вале ҳамсари меҳрубонаш самараи ин ниҳоли ҷонпарварро надид... Мӯйсафед оҳиста ба пеш қадам ниҳод, танаи дарахти себро бо дастонаш маҳкам дошта, ба шоҳаҳои он нигоҳ кард. Ба назараш себҳои сурх аз шуои барқ дучанд ҷило медоданд.

Мӯйсафед бо чунин хаёлҳо дубора ба хонаи хоби ҳуд баргашт. Пас аз чанде аҳли хонадон ҳама аз хоб бархостанд. Мӯйсафед як умр бо одамон кор карда шодиву нишоти зиндагиро бо ҳам дидааст. Аз ин хотир ӯ мисли дигар соҳибмансабон ҳудро аз мардум канора намегирад. То тавонад шабу рӯз бо онҳо буданро меҳоҳад. Варе афсӯс, ки пирӣ гоҳо барои амалӣ гаштани ин нияташ имкон намедиҳад.

Бо вуҷуди он ӯ ҳеҷ гоҳ сар фароварданӣ нест. Аҳмад Валиев либосҳои тозаву оростааш пӯшида ба шаҳр мебарояд. Ба бозори на он қадар калони он гашту гузор мекунад. Даҳҳо шиносҳо, ҳамсолони ҳуд, ҳамкорони собиқи хешро дида бо онҳо сӯҳбатҳо меорояд ва пасон боз ба манзили хеш бармегардад.

Соли 1931 Аҳмад Валиев синфи 7-уми дабистони ба номи Ибни Синоро хатм мекунад. Устодони азизаш Нарзиқулзода, Назарзода, Аминзода, Ҳозизода, Соҳибҳкул Муродов, Авлиёзода ба ӯ дуои хайр медиҳанд. Воқеан ҳам дар деҳа шахсони аз онҳо мӯҳтабартаре набуданд. Онҳо барои вай аз ҳама доно, аз ҳама ширинсухан буданд. Вай ин инсонҳои шарифро як умр эҳтиром мекарду мекунад. Фотеҳаи ҳамин инсонҳои бохирад буд, ки ояндаи ӯ минбаъд дурахшон гашт.

Аҳмад Валиев соли 1938 ба омӯзишгоҳи муаллимтайёркунии шаҳри Тирмиз дохил шуд. Онро соли 1941 хатм намуда, дубора ба ҳамон таълимгоҳе, ки сабақ омӯхта буд, баргашт. Баробари устодонаш дарс мегуфт ба шогирдон. Чавони босаводу дидадаро, ки буд, дар байни ҳонандагону омӯзгорон зуд обрӯ пайдо кард. Мудири қисми илмии таълимгоҳ таъин намуданд ӯро. Дере нагузашта ҷанги Олмон оғоз гашт. Дар қатори дигарон ӯ ва бародараш Фармон низ ба ҷанг сафарбар гаштанд. То соли 1943 дар муҳорибаҳои пурошӯби шаҳри Сталинград иштирок намуд.

Ҳамон солҳо омӯзгорон дар ақибгоҳ кифоят намекарданд. Ҳукумат ва давлат қарор намуданд, ки омӯзгоронро аз саҳфои ҷанг ҷавоб диҳанд. Қатори дигар омӯзгорон ба деҳа баргашт. Чанд муддат дар мактаб кор кард. Ӯро ба кумитаи ҳизбии ноҳияи Бойсун ба кор даъват карданд. Як сол кор накарда боз ба мактаби хеш баргашт.

Дар мактаб ӯро сарвар таъин карданд. Чандин омӯзгорон, устодонаш аз ҷанги хонумонсӯз барнагашта буданд. Дар таълимгоҳ омӯзгорон намерасиданд.

(Давомаш дар саҳ.4)

Моҳонаи бехатарӣ аз сӯхтор, ки 15 ноябр оғоз ёфта буд, сар то сари ҷумҳуриятамон давом дорад. Дар давоми ин рӯзҳо таҷҳизоту олотҳои сӯхторхомӯшкунӣ бори дигар аз назар гузаронда, ҷорахои пешгирии рӯй додани сӯхтор андешида мешавад.

Шумо дар ин сурат машғулоти аъзоёни шӯъбаи поезди сӯхторхомӯшкунии стансияи Қарширо мебинед.

Суратгир А.БЕЗРУЧКО.

«Овози тоҷик» — барои ҳама

(Аввалаш дар саҳ.1)

Азизон, рӯзномаи «Овози тоҷик» соли дигар 80-сола мешавад. Барои ҳамаи мову шумо хушу гуворо аст, ки ин рӯзнома маҳз дар Самарқанд ташкил ёфта, аввалин шумораш пеш аз ҳама ба дасти самарқандиён расида, баъд ба олам паҳн шудааст. Рӯзномае, ки аввалин шумороҳояш бо ҷаҳду талоши падарони бонангу ори мо, самарқандиёни асил табъу нашр шудааст, инак ҳаштод сол ин ҷониб мунтазам меҳмони ҳонадони тоҷикони Ӯзбекистон ва берун аз он мешавад.

Вале намедонем аз чӣ бошад, шояд аз гирифториҳои даврои душвори гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ гӯем, сафи обуначиён хеле ва хеле кам шуда монд. Рӯирост иқрор мешавем: Агар вазъиятро ба зудӣ ислоҳ накунем, сарнавишти талх ба рӯзнома таҳдид ҳоҳад кард... Мабодо ҳамин хел шавад мо ба ғазаби рӯҳи поки гузаштагон ва вуболи нафрати ояндагон меҳонем. Оё ҳаҷ дорем, ки ба ин роҳ диҳем. Боқӣ шумо медонед.

Ҳозирон лаҳзае ба сукут монданд. Баъд зал ба ҷунбиш омад. Равшан — фикри самарқандӣ **Тӯрабек ИСКАНДАРӢ** аз ҳама пеш ба минбар баромад.

—Дӯстони азиз! Рӯзномаи «Овози тоҷик» падари матбуоти тоҷик аст. Фахри мову шумо, ки он имрӯз дар Самарқанд таваллуд шудааст. Имрӯз пири нуронии мо, равшангару раҳнамои дилу имонамон дар сурати муҳаррири ҷавон ба деҳаи мо омадааст. Албатта, рӯзномаеро, ки ба мо таровату ҳаловати забони ширини модарӣ меомӯзад, ҳаргиз танҳо намегузорем. Ин рӯзнома ба рушду камоли маъnavии ҳазорон олимону шоирон, духтурону муаллимон, деҳқонону коргарон, ҳуллас инсонҳои шоистаи замони чумҳурӣ аз ҷумла зодаи мо низ басо хизматҳо дорад, ки забони ман ба таъриф ҳеҷ аст. Агар гӯем, ки алломаи бузурги илму адаб, ҳамдеҳаи мо Холиқ Мирзоҳозода, ки асарҳои ӯро дар мактабҳои олии кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистону Эрон чун китоби дарсӣ меҳонанд, шогирди мактаби «Овози тоҷик» буд, хато намекунам. Дар асри бист ба деҳаи мо зиёда аз сад олими сохибунвон —аз номзади илмӣ то академик ба воя расиданд, ки ба тарбияи ҳар яки онҳо хизмати рӯзнома беҳисоб аст. Ман фақат деҳаи ҳудамон— Равонаку атрофи онро гуфтам. Чунин деҳаҳое, ки аз файзи «Овози тоҷик» бахраманд шудаанд, дар саросари чумҳурӣ ҳазоронанд. Дар ҳар деҳа даҳҳо равшандилу равшанфикрон корҳо зиндагӣ доранд, ки агар ҳама ба по ҳезему муттаҳид шавем, «Овози тоҷик» ҳазорон обуначиёни ҳудро меёбад. Бигзор дах оила ба як нусха пул ҷамъ карда обуна шавад, бигзор як синф талаба ба як нусха обуна шавад. Мо бисёрем! Фақат дар деҳҳадаи мо ҳариф бист гузар ҳаст. Фақат дар мактабҳои деҳкадаи мо зиёда аз ҳафт ҳазор фарзандонамон меҳонанд. Дар ҳудуди деҳкадаи мо ҳоҷагиҳо, корхонаҳои саноатӣ ҳастанд, ки ҳама тоҷику тоҷикзабонанд. Агар ҳама обуна шавем, медонед чӣ қадар мешавад?

Мо мегӯем, ки нархи рӯзнома қиммат асту пул надорем. Дуруст мо пул надорем.Лекин иморатҳои боҳашам месозем. Дуруст, мо пул надорем, лекин тӯйҳои бодабдаба мегузаронем. Дуруст, мо пул надорем, вале назди ҳар дарвозаамон мошинҳои гуногунтамғаи ялаққосӣ меистад. Хуллас, азизон, чи хеле ки мебинед, мо пул надорем, лекин ба «Овози тоҷик» ҳам обуна мешавем.

Маҳфуза ҲАМРОҚУЛОВА, директори мактаби рақами 40, ноҳияи Самарқанд.

—Агар гӯям, ки «Овози тоҷик» аз рӯзномаҳои дӯстдоштатарини мо буду ҳаст, хато намекунам. Албатта, хато намекунам. Албатта, муаллимони мактаби мо ба «Овози тоҷик» обуна шудан меҳоҳанд. Вале бо баъзе сабабҳо ин кор каме ба таъхир афтод. Дирӯз як қисми моҳонаамонро гирифта қарор додем, ки ҳама ба «Овози тоҷик» обуна мешавем. Лекин аз идораи рӯзнома ҳам ҳоҳиши зиёд дорем. Дар ҷумҳурият ғайри «Овози тоҷик» дигар нашрия нест, ки аз он дар бораи муаммоҳои тоҷикон мақолаҳо ҳонем. Имрӯз «Овози тоҷик» барои мо ҳам рӯзномаи омӯзгор, ҳам адабиёт ва санъат, ҳам илму ҳаёт, кишоварзӣ, ҳуллас, ҷавобгари розу ниёзи одамони касбу корашон гуногун бошад. Имрӯз, ки дар мактабҳои тоҷикӣ китобҳои дарсӣ нест, ё кам аст, бояд рӯзнома маводе чоп кунад, ки ба дарди муаллиму талаба хӯрад. Агар барои мактабу мактабиён саҳифаи махсус таҳия намуда, дар бораи муаммоҳои таълиму тарбия мунтазам мақолаҳои услубию тарбиявӣ, назарию амалӣ чоп мекард, айни муддао мебуд.

Насрулло УБАЙДУЛЛОЕВ, сокини деҳаи Қӯлбаи Поён.

— Дар таъриҳи беш аз ҳазорсолаи халқи тоҷик дар Самарқанд таъсис ёфтан ва 80 сол инҷониб нашр шудани рӯзномаи ҷумҳурии «Овози тоҷик» монанди фатҳи қуллаи баланд аст. Мо набояд фаромӯш кунем, ки ташкили рӯзнома барои падарони миллати мо хеле душвор буд, то имрӯз чоп шуда омаданаш боз ҳам душвортар буд. Агар рӯзнома бо баҳонаи камшумории сафи обуначиён баста шавад, дубора ташкил доданаш душвор не, тамоман номумкин мешавад. Халқе, ки рӯзнома надорад, ба қавли устод Айнӣ халқи безабон аст. Бинобар ин имрӯз чуноне Аҷӣ даъват мекард, бояд забони ҳудро эҳтиромӣ ҳимоя намуд. Бояд ин рӯзномаро барои фарзандонамон нигоҳ дорем. Ман аз ҳар рӯҳбар, ҳар одами оддӣ, ки шири модари тоҷик хӯрдаасту аллаи модари тоҷик гирифтааст, илтимос мекунам, ки ба «Овози тоҷик» обуна шавад. Зеро чуноне бузургон фармудаанд,

Ҳар кас ба забони ҳуд
сухандон гардад,
Донистани сад забон
осон гардад.

Илтимос, агар миллатро ҳурмат накунед, агар модаратонро ҳурмат накунед, агар ҳудатонро ҳурмат накунед, ихтиёратон, лекин фарзандонатонро ҳурмат кунед. Охир барои фарзандон кору зиндагӣ мекунед, пас ба фарзандон ҳамин рӯзнома даркор аст. Ман аз соли 1949 ин рӯзномаро мунтазам меҳонам. Садҳо мақолаҳояшро бурида мондаам, ки барои рӯзгори ҳаррӯзаам чил ҷо боз, барои тарбияи фарзандони мардум ва ҳудам заруру лозим буданд. Ин рӯзнома дар ҳама давру замон ба мо лозим буду лозим аст.

Кубарро ҲАКИМОВА, корманди ҳоҷагии ширкатии «Гулобод».

— Дар ҳоҷагии мо бригадаи рақами 7 аҳт. Ҳар сол аъзоёнаш аз ҳама пеш омада ба «Овози тоҷик» обуна мешаванд. Имсол ҳам даҳ нафар аз аввалинҳо шуда обуна гаштанд. Боз 50 нафари дигар ният доранд, ки ба «Овози тоҷик» обуна шаванд. Албатта мешаванд. Лекин рӯзнома ҳам бояд шавқу ҳаваси моро ба назар гирад. Мо меҳоҳем, ки баъди меҳнати бобарор рӯзномаро кушода, аз ҳаёти мардумони оддӣ мақолаҳо ҳонем. Саҳифаҳои рӯзи истироҳатро мутолиа кунем. Солҳои охир чунин саҳифаҳо дар рӯзнома барҳам хӯрданд. Бисёр мактубҳои мо бечавоб мемонанд. Солҳои пеш ман ба рӯзнома хабару мақолаҳо менавиштам. Вақтҳои охир кам чоп мешаванд. Рӯзнома бояд бо мухбирони ҷамъиятӣ робитаи мустаҳкам барқарор кунад.

Раҳматулло ШАРИФЗОДА, директори мактаби рақами 68.

— Ман аз соли 1966 мунтазам ба рӯзномаи «Овози тоҷик» обуна мешавам. Дар саҳифаҳои он мақолаҳои ҷолиб чоп мешаванд. Лекин солҳои охир дилам аз рӯзнома каме хунук шудааст. Аз як тараф, забони рӯзнома тумтароқу мушкил гаштааст. Аз тарафи дигар ҳодимони шӯъбаи алоқа «хизмати хирсона» мекунанд. Рӯзномаҳоро гоҳ дер меоранду гоҳо умуман ба соҳибонаш намерасонанд. Соли хониши гузашта вохӯрии хонандагони мактаби мо бо вакилони қабулхонаи ҷамъиятии «Овози тоҷик» барпо шуда буд. Аз он мулоқот мисли имрӯза талабагони мактабамон таассуроти калон гирифтанд. Бо вуҷуди ин ман аз мухбири махсуси рӯзнома Хурсанд Ҷумъазода гила дорам. Ӯ бояд зуд-зуд ба мактабҳо равад. Дар як сол сеҷор бор омаданаш кам аст.

Ӯ.САИДМУРОДОВ, директори заводи «Самстеклопластик».

—Аҳли ҷамоаи мо ба рӯзнома обуна шудаанд. Мо ният дорем, ки боз 50-60 нусха обуна шавем. Рӯзнома ба мо маъкул аст. Дар саҳифаи он аз ҳаёти корхонаамон чанд бор хабару мақола, суратҳо чоп шуд. Минбаъд ҳам бояд ҳамкорӣ давом ёбад. Зеро меҳр дар чашм аст. Агар ба «Овози тоҷик» обуна нашавем, руҳи бузургон моро намебахшад. Қариб 70 нафар аҳли хоҷагии мо рӯзҳои наздик ба рӯзномаи дӯстдоштаамон обуна мешаванд. Агар лозим бошад, мо ба рӯзнома ёрии моддӣ ҳам мерасонему маҳсулоти кишоварзӣ ҳам медиҳем. Лекин рӯзнома ҳам аз мо дур нашавад.

Мусаввара ҶУМЪАЕВА, мудири шӯъбаи маорифи халқи ноҳия.

—Ба зиммаи рӯзномаи «Овози тоҷик» масъулияти басо душвор, вале пурифтихор гузошта шудааст. Ҳар як қонуну қарори ҳукумат, фармонҳои Президентамон маҳз ба воситаи ҳамин рӯзнома ба забони тоҷикӣ дастраси мо мешавад. Мехостам дар баробари ин дастуру фармонҳои вазорати маориф ҳам интишор ёбад, ки барои муаллимони мактабҳои тоҷикӣ чун обу ҳаво зарур аст. Агар дар ҳар шумораи рӯзнома чун гӯшае аз тадбиру қарордодҳои вазорати маориф хабар мебуд, нуран аъло нур буд. Мо ғайр аз рӯзномаи «Овози тоҷик» дигар аз кучо материалҳоро хонем. Муаллимони мактабҳои мо якдилона обуна шуда истодаанд. Ман ҳозир пеш аз ин ҷо омадан талаби 55 нафар муаллимро, ки мехоҳанд бо роҳи аз моҳонаашон ҳар моҳ пул нигоҳ доштан обуна шудаанд, қонеъ намуда омадам. Чунин тадбир минбаъд ҳам давом карда, ба ҳамаи муаллимон имкони обуна шудан ро медиҳад.

Салим КЕНҶА, шоир, мухбири фаъоли рӯзнома.

— Дӯстони азиз, ҷамъомади имрӯзаро оғози тайёрӣ ба ҷашни 80-солагии рӯзномаи «Овози тоҷик» гӯем хато намешавад. Боварӣ дорам, ки мову шуморо дар саросари чумҳурӣ тамоми муштариён, тамоми тоҷикзабонон дастгирӣ мекунанду 80-солагии рӯзномаро бо обуначиёни сершумор, бо сари баланду рӯи сурх чун иди умумихалқӣ ҷашн мегирем. Агар падарони мо ҳаштод сол пеш рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро таъсис намуда бошанд, имрӯз мо бояд ба он умри дубора бахшида, ба хотири посдории забони модарӣ, пешрафти илму корхонаи халқамон, гулгулшукуфии Ватани азизамон якдилона обуна мешавем.

❖❖❖

Воқеан ҳам ҷамъомад бо рӯҳи пуршукӯҳи идона гузашт. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин набуд. Охир кадом фарзанди асил ба тақдири модари ҳуд ё қисмати падари бузургвораш бефарқ буда метавонад. Рӯҳи ҳама аз он болида буд, ки ҳар яке ба ҷашни падари матбуоти тоҷик саҳми муносиб мегузорад. Дар охир ҳозирон ба тамоми муштариёни «Овози тоҷик» мурочиатнома қабул карданд, ки пешкаши шумо месозем. Ҳамовозӣ кардан ё накардан ба вичдони ҳар соҳибзабон ҳавола.

Акбар УСМОНОВ,
Салим КЕНҶА,
Хурсанд ҶУМЪАЗОДА.
Ноҳияи САМАРҚАНД.

Рӯйдодҳои ҷаҳон

Хабарҳо, воқеаҳо, шарҳу тафсилот

Терроризм бо дин иртиботе надорад

Ҳеҷ як навъи терроризм ва террористон бо дин ва аз ҷумла бо дини ислом умумияте надоранд. Дар ин бора дар изҳороти раиси Шӯрои муфтиёни Русия, раиси Идораи мусулмононӣ қисми урупоии Русия Равил Гайнуддин ба муносибати амалиёти террористӣ дар Есентукӣ омадааст.

Вагонҳои пас аз террор.

«Шӯрои муфтиёни Русия бо ҳисси дард ва алам дар бораи амали ваҳшиёнаи террористон дар кишвари Ставропол хабар ёфтанд. Дар ин амали террористӣ беш аз 40 нафар одамони бегуноҳ ҳалок гардиданд. Бори ҷандум аст, ки мо мавҷуд ҳастем дар ин моҳҳои охир гувоҳи ин ваҳшоният гардем», гуфтааст Равил Гайнуддин. Ҳамзамон аз онҳое, ки барояшон дин ва анъанаҳои мо азиз аст, аз Оллоҳ ҷазо додани қотилони ин шахсонро, ки дар Қафқози Шимолӣ тухми низоъ мекоранд, мепурсем, омадааст дар изҳорот.

Муовини вазири корҳои хориҷии Русия, намояндаи махсуси Президент Путин оид ба масъалаҳои баҳри Каспий Виктор Колюжний бо муовини вазири корҳои хориҷии Эрон Маҳдии Сафарӣ мулоқот намуда, роҳҳои эҳтимолии ҳалли ин масъаларо муҳокима намуданд.

Мулоқоти вазирон

«Зимни мулоқот, ки дар арафаи маҷлиси навбатии гурӯҳи корӣ оид ба Каспий барпо гардид, табодули афкори босамар ба амал омада, самтҳои эҳтимолии бартараф намудани муаммоҳои баҳри Каспий ва аз ҷумла мақоми ҳуқуқии баҳр баррасӣ гардид»,—хабар додаанд ба РИА «Новости» рӯзи душанбе.

Колюжний бо ҳайати ҳуд ба Теҳрон барои иштирок дар ҷаҳъомади гурӯҳи масъусӣ корӣ оид ба Каспий дар сатҳи муовинони вазирони хориҷии давлатҳои соҳили баҳри мазкур омад, ки он 9-10 декабр барпо гардид.

Наҳзи Тоҷикистон

Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Помир

Дар мулоқоте, ки байни раиси вилояти мухтори Бадахшони

Парисо

Ниҳеб

Ин чӣ бодест, худо —
баргаки дил меларзад?!
Агар ин боди ҳарос аст, пас он
аз кадом сӯй вазад?!

Вазад аз ҷониби ҳар деворе,
ки барӣ нест зи муш,
оҳ, зинҳор мазан ҳарф!
Хамӯш!
Наҳаросам ман аз он муш, ки ба дом афтода,
ё ба чанги гурба.
Ин на он муш, ки қадамҳои маро мепояд,
то ҷуволам бишикофад ва биринҷам бибарад,
ло бал аз хирманаки дастхату осорам
вожагандумаки шеъру ғазалам мехояд,
то аз он резаи санге ёбад.
Ва ба чиррос гулӯяш бидарад:
— Инак, он сакта, ки дераш ҷустам,
боз як ҳарфаки берун аз марз,
чӣ кунӣ ин ҳама ҷурмат рӯпӯш?!

Аз муше метарсам,
ки дар анбори гаронбори ҳунар
коғази дастхати аҳли адаб мехояд,
меканад решаи он буттаяки шеъри сапед,
ки дар он бишкуфта
сарбасар вожагули шавқу хурӯш.
Наҳаросам ман аз он сурати хокистарие,
ки ба муш часпида.
Бал гурезонаму пинҳонам аз он
сирати хокистаргун
ва аз он сурати рӯгарму зимистоноғӯш,
ки бувад машъалакуш.

Ба навсарватманд

Эй, ҳаво аз кибри ту ларзон шуда,
В-аз садоят хотирам вайрон шуда.
Гӯ, ки аз ин ларзаҳо, охир, чӣ суд,
Табъи шоҳи осмон бечо намуд.
Аз ҳаво парҳои ҳурон рехтанд,
Гӯиё барфи зимистон рехтанд.
Арш афсурду аз он овози ту
Гӯиё санги яхин омад фурӯ.
Омаду афтод охир бегумон
Оҳ, бар тори сари бечорагон.

Эй, ки фахр аз ганҷи Корунат кунӣ,
Эй, ки бо зар баста бо қалбу хунӣ.
З-ифтихори пучат, охир, ку самар?
Бевае бо бачаҳои бепадар
Неъматеро, ки ту хӯрӣ ҳар нафас,
Бинад андар хоби хуш бо сад ҳавас.
Пас, бигӯяд хоби худ бар обҳо,
Об гӯяд моҳиро он хобҳо.
Роз андар моҳӣ пинҳон мешавад,
Ҳабс дар он гӯру зиндон мешавад.
Ӯ нахоҳад гуфт ҳеҷ аз хавфи ҷон,
Гарчи гардад тобаатро меҳмон...
Тӯтии зебоят аз туи қафас
Гӯядат: «Эй соҳиби исинафас,
Ширу шаҳду қандат арзон доштӣ,
Дар дили ман тухми меҳрат коштӣ...»

Ш.САМАРҚАНД.

Рӯдакӣ, Ҳофиз, Навоӣ

Ҳар се адиби мазкур мардони оламшумул ва сохибқирон, ному ҳолашон дар кулли ҷаҳон машҳур, хусусан тоҷику ӯзбек онҳоро хеле хуб мешиносанду асоси сарнавишт ва бунёдгузори миллату ҷамъияти ҳуд медонанд. Онҳоро дар гузашта асрҳо аз ҳам чудо карда, вале байнашон чун наздиктарин ҳамсоя робитаи доимии ӯзвӣ ва васлкунанда мавҷуд будааст.

Ҳофиз Рӯдакиро «устоди шоирони ҷаҳон» (аслан сухани Кисоии Марвазӣ) медонад, Навоӣ бошад Ҳофизро шоири мӯъҷизакор пиндошта, кӯшидааст, ки ба сарҳадди эъҷози ӯ андак наздик шавад. Инак аз боби робитаҳои эҷодии эшон ба як намуна шеъри назар меафканем.

Шеъри «Бӯи Чӯи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ Наср бинни Аҳмади Сомонии чор сол дар саёҳати марзи Ҳирот мондаро ба як имо сӯи Бухоро баргардонд ва таъсиру шӯҳрати ин шеър аз ин ҷо ҷаҳонгир шуд. Дар асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ ба қисмати ин шеър дахл карда, аз ҳар байти он ҳафт санъат берун месозад ва мегӯяд, ки «ин шеър қасида аст ва онро Рӯдакӣ ҷанг баргирифта ба ҳавои «Пардаи ушшоқ» сурудааст:

Бӯи Чӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Одатан шоирони хушовоз ва ҳофизони хушилҳон бар ғазалҳо оҳанг баста, онҳоро ба ҳамҷӯрии асбобҳои мусиқӣ месароянд. Аммо қасидаро, ки дорои байти зиёдесту байтҳояш ҳатто аз сад адад мегузаранд, ба ҳавои чангу руд суруд сохта хондан камтар воқеъ шудааст. Ичрои ин санъат бошад, чунон ки мебинем, дар асри X фақат ба Рӯдакӣ насиб гардидааст. Баъди Рӯдакӣ дар асри XI онро Фаррухии Систонӣ такрор кардааст, ки назар ба гапи ҳамон—Низомии Арӯзӣ, ин шоир қасидаҳои ҳафтод-ҳаштод байтаи «Корвони ҳулла» ва «Доғгоҳ»-ро дар мачлиси амири Чағонӣ Абулмузаффар «ба овози ҳазину хуш» ва ҳавои «ушшоқ» сурудааст. Инак, қасидаро, бо вучуди абёти тӯлониаш, дар гузашта чун ғазал сурудан расмият доштааст ва ин санъатро бузургтарин шоирон ба ичро расондааанд.

Қасидаи мазкури Рӯдакӣ дар асрҳои XI-XII шӯҳрати бемисл пайдо ва пайравони зиёд думбола кардааст. Низомии Арӯзӣ баъзеи онҳоро ном гирифта таъкид намудааст, ки «ҳанӯз ин қасидаро касе ҷавоб нагуфтааст». Аз байн боз ду аср гузашта дар қарни чаҳордаҳум шоири лисонулғайб ва авлиёмисол Ҳофизи Шерозӣ ба қасидаи мазкур рӯ оварда, онро тазмин ва татаббӯъ кардааст. Ҳофиз хеле қасидаҳо навиштааст, вале шӯҳрати эҷодии ӯ бо ғазал ҳосил шудааст. Дар ғазал вай устодтарин шоири ҷаҳонист ва ҳеҷ кас дар ҳеҷ айём дар ин жанр аз ӯ болотар нарафтааст. Ҳофиз дар ғазал ҳақиқатан забони ғайбӣ дошт ва ҳамаи ғазалҳои ӯ мазмуни ғайбӣ ва ниҳонӣ доранд. Он ғазалҳо кароматҳои ҳофизонаанд ва ба қавли Абдурахмони Ҷомӣ «ба сарҳадди эъҷоз расида» мӯъҷиза қарор гирифтаанд. Дар яке аз ҳамин гуна ғазалҳои мӯъҷизамисол Ҳофиз байти нахусти қасидаи мазкури Рӯдакиро чунин тазмин намудааст:

Сина маломоли дард аст,
эй дареғо мароҳаме,
Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад,
худоро ҳамдаме».

Ва ӯ ба Рӯдакӣ чунин мурочиат кардааст:

Хез, то хотир бад-он турки
Самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш «бӯи Чӯи Мӯлиён
ояд ҳаме.

Аз ин ҷо баъзеҳо гумон бурдааанд, ки—азбаски Ҳофиз дар ғазал қасидаи Рӯдакиро тазмин кардааст, қасидаи Рӯдакӣ аслан ғазал буда ва он ба дарачаи қасида нарасидааст. Ин гумон, албатта, ҳақиқат надорад. Зеро дар замони Рӯдакӣ дар асри X ҳоло ғазалҳои мустақили мисли ҳофизона гуфтан он қадар расм набуд ва ҳамаи ғазалҳо тағаззул қарор гирифта ва онҳо осон ба мадҳ интиқол мешуданд. Бинобар ин шеъри «Бӯи Чӯи Мӯлиён» ба жанри қасида мансуб буда ва Низомии Арӯзӣ ҳам онро дар ду маврид дуруст қасида номидааст. Тазмини он дар ғазал бошад ба чиҳати тағаззули ғазалмонанди он шеър аст ва аз ҷониби дигар, азбаски Ҳофиз дар ғазал пир ва устод ҳисоб мешуд, маҳз онро дар ҳамин жанр татаббӯъ кардан барояш салоҳ намудааст.

Татаббӯи шеъри Рӯдакӣ аз ҷониби бузургтарин шоири ҷаҳонӣ Ҳофиз шӯҳрати бемисли Рӯдакӣ ва шеъри ӯро дар қарнҳои баъдӣ боз афзудааст. Хосса шеъри «Бӯи Чӯи Мӯлиён»-и устод сарлавҳаи девони адиби асрҳои X-XII қарор ёфта ва баъзе шоирони асрҳои баъдӣ аввал бо номи он шеър сухан оғоз карда, пас ба ҳамон илҳом девон тартиб додааанд.

Паҳӯҳиш

Масъалаи дигар дар мазмуни шеърҳои мазкур аст. Шеъри «Бӯи Чӯи Мӯлиён»-и мазмуни рӯҳбаландона дорад ва бо шавқу завқи ҳаячӯну хурсандӣ алоқаманд аст. Рӯдакӣ онро дар пардаи «Ушшоқ» бо як кайфияти хушу тозае суруда буд ва бинобарин амир аз он лаззати хосса ҳосил намуда, аз таъсири мӯъҷизаосои садо, оҳанг ва сухан худро гум карда мондааст. Бо ҳамин кайфият ӯ беихтиёр ва чун телбагон ҷониби марказ медавад ва аз он ҷо ҷониби Бухоро.Дар мавриди бадеҳаи он шеър ҳамаи сафариён хурсанду шод буданд, дилҳояшон гарм ва ҳиссиёташон саршор буд. Мақсади онҳо бошад ҳосил ва ғаму дард рафъ шуда, замона ба коми дилҳо расида буд. Аммо ин гуна оҳангу шодию сурур аз ғазали Ҳофиз шунида намешавад. Он ғазал сарбасар шиковӣ буда, аз дарди синаю танҳоии аламангез ва ғаму кулфати беохир баҳс мекунад. Масалан ғайри байтҳои овардашуда байтҳои боқимондаи ғазал чунин садо медиҳанд:

Чашми осоиш кӣ дорад аз сипеҳри
тезрав,
Соқиё ҷоме ба ман деҳ, то биёсоям даме.
Зиракеро гуфтам: ин аҳвол чист?
ҳандиду гуфт:
«Саъбрӯзе, булъаҷаб коре,
парешон оламе».
Сӯҳтам дар чоҳи ғам аз баҳри
он шамъи Чигил,
Шоҳи туркон ғофил аст аз ҳоли мо,
ку Рустаме?!
Дар тариқи ишкбозӣ амну осоиш хатост,
Реш бод он дил, ки бо дарди
ту хоҳад марҳаме
Одаме дар олами хокӣ намояд ба даст,
Оламе дигар бибояд сохт в—аз
нав одаме.
Гиряи Ҳофиз чӣ бошад пеши истиғнои
дӯст,
К—андарин дарё намояд ҳафт дарё
шабнаме.

(Давомаш дар саҳ.4)

Нависандагӣ худфарсоист

Тӯхтамиш Боқиев (мутахаллис бо Пайғом)-ро хонандагони рӯзнома таваccути хабару мақолаҳои намакинаш мешиносанд. Чанд новеллаи хурдаш низ эълон шудааст.

Қувваҳои некиву бадӣ — Ҳурмузу Аҳриман умре дар талошанд. Агар коре, амале, талошу пайкоре нест, кас намедонад аҳриманзод кисту кист ҳурмуздсиришт. Зеро ҳама худро ҳурмуздниҳод мепиндорад, вале орзуву омол, афкору андеша, саъйу кӯшишҳои инсон худ муайян мекунад, ки ӯ кист ва чи сириште дорад.

Дуздаконе ҳастанд, ки ҷайбакеро зада номи дуздро мебардоранд. Вале дуздоне ҳастанд, ки ба идораву муассиса ва хоҷагиҳо чун роҳбар ё ходим сар халонда, баякбор ҳазорҳо ҷайбро «меафшонанд», ба ивази чоплусиҳо ба мансабҳои болотар мерасанд, вале ҳеҷ кас ба онҳо наметаванд бигӯяд, ки ту дуздӣ. Онон пушту паноҳ доранд, як мавизи аз чанги ҳаром рабудаашонро «чил таксим» мекунанд.

Қаҳрамонони ҳикояи «Саратро боло гир...» Истад Ҷамол, ходими рӯзнома Бунёд Шукурӣ ва момои Бунёд сиришти ҳурмузӣ доранд, ҳалолкоранд, бо нуқсону иллатҳои ҷомеа номуросоянд. Сафо Рӯзиҳо — косалесони аҳриманзодҳо мисли абрҳои даргузар садди роҳи нурҳои ҳурмузиянд. Онҳо аз рӯшанӣ метарсанд, намехоҳанд, ки офтоби ҳақиқат рӯ намояду мардум сиёҳу сафедро фарқ кунад.

Аз маглубияти муваққатии нурҳои ҳурмузӣ хонанда дар баробари Бунёд малӯл мешавад, вале сухани момо тасаллӣ мебахшад:

«Ту ҳозир ҳам маглуб нестӣ, бачем. Маглуб он аст, ки аз имон даргузарад, даст ба шайтон диҳад. Саратро боло гир, ҷони момо, ту голибӣ...»

Нисбати Сафо Рӯзиҳо нафрат пайдо кардани хонанда худ нишони пирӯзии Бунёд аст.

Нависандагӣ худфарсоист. Бо вучуди ин, ки забони навиштаҳои Пайғом қиёсан рӯшантар ва ифодаҳояш расотаранд, мехостем ӯ байни забони адабӣ ва забони бадеӣ фарқу фосила гузорад. Зеро агар як рукни дарозумрии асари бадеӣ сужети ҷолиб бошад, рукни дигараш сухани фасеҳу расо ва пуробуранг аст.

Умед аст, ки Пайғом дар ҷодаи эҷод гомҳои устувор мегузорад ва ба алоқамандони каломи бадеъ асарҳои нав ба нав армуғон мекунад.

БАХШИ АДАБИЁТ ВА ҲУНАР.

Саратро боло гир...

(Ҳикоя)

Ба рӯҳи поки модаркалони боимонам мебахшам

Сабил монад, боз дер мемонам, — ба сари Бунёд вақте ки аз болин боло шуда ба соат нигоҳ кард, дафъатан ҳамин фикр омад. Ҷаббор, чӯрачон дурият асар кард. Қадрат гузашт. Қадри ту, қадри момо. Ту дурӣ, момо ҳамин ҷо, дар пушта. Ҳо, дар пушта, он ҷоро афзал донист. Рафт аз мо, назди фарзандонаш... Ман бошам ҳамон хоболуди пешина, боз дер мемонам. Охир имрӯз душанбе, дар редаксия «хониши адабӣ» ва ҳисоботи ҳафтаинаи банда. Тақдири фелетон ҳал мешавад...

— Узр, дер мондам, — аз дари дафтари кории муҳаррир ҳиҷолатмандона сар халонд Бунёд, ки он ҷо хониши адабӣ мегузашт.

— Бечунчаро дер мондед, — бо лабу лунҷи овезон аз болои айнак ба Бунёд чашм дӯхт ҷонишини муҳаррир Сафо Рӯзӣ. Дар андоми ӯ ҳайрати ачиб акс ёфта буд, гӯё «чунин ходими беадаб»-ро бори аввал медид. — Шумо масъулият чист медонед? Бе чуну чаро намедонед...

— Шинед рафиқ Шукурӣ, минбаъд дер намонед, — сухани ҷонишинро кӯтоҳ кард муҳаррир.

— Хӯш, ки бошад, — суханашро давом дод Сафо Рӯзӣ, ки ҳафтаи кории гузаштаро таҳлил мекард, — ҳафтаи гузашта бурду бохтамон ҳаминҳо буд. Дар ҳафтаи корие, ки имрӯз оғоз ёфт аз матолиби банақша гирифта фелетони Бунёд Шукурӣ ва очерки Саодатбоғ бояд ба хонандагон пешкаш гарданд. Бале, бе чуну чаро бояд пешкаш гарданд. Аммо аз фелетон ҳанӯз дарак нест...

— Ташаккур, рафиқ Сафо Рӯзӣ, — ӯро ба нишастан ишора кард муҳаррир Истад Ҷамол. — Ба ҷонишини муҳаррир саволҳоятон бошад марҳамат. Набошад ҳама аз паи кор шавед. Ба ҳамаатон барори кор мехоҳам. Рафиқ Шукурӣ, шумо андак сабр кунед. Саодат, шумо пас аз ягон соат бо очеркатон назди ман дароед. Бунёд монд. Ҳамин вақт занги телефон баланд шуду муҳаррир гӯшакро бардошт...

Боз ҷонамро харид муҳаррир, — аз дил гузаронд Бунёд, — ба қавли Сафо Рӯзӣ бе чуну чаро ҷонамро харид. Охир мани «масъулиятношинос», ки як ҳафта дар сафари хизматӣ будам, имрӯз мебоист аз натиҷаи корам ҳисобот дода фелетонро пешкаш менамудам. Аммо фелетон нест, болои гуноҳ боз дер мондам. Ва Сафо Рӯзӣ тайёр буд ҳоло «сифат»-ҳои маро як-як шумурда, аз хусуси то чӣ андоза муҳим будани риояи интизоми меҳнат як соат ваъз хонад. «Ботинаш сип-сиёҳи пушти дег», — мегуфт момо дар ҳақи чунинҳо. Боз чӣ мегуфт, як мақоли худаш сохта дошт, ҳа, «аз рӯсияҳ эвалло, аз дилсияҳ вовайло, ба дилсиёҳ доманат расад, бурида парто», — мегуфт. Одамшинос буд момо. Сафо Рӯзиро як бор дар рӯзи таваллудам диду баҳои ҳаққонӣ дод. Мани содда он вақт аз момо ранҷида будам.

— Ин ходаи хушк ҳам ҳамкорат? — пурсид момо баъди дар саҳни ҳавлӣ бо ӯ бафурҷа пурсу пос карда, ба меҳмонхона даромадани Сафо Рӯзӣ.

—Бале, ҳамкорем.

—Чашмонаш заҳрханда дорад. Ин хелҳо ба куртаи танашон дӯстӣ надоранд...

— Албатта, рафиқ котиб. Ташаккур. Бале, ҳозир дар наздам нишастаанд. Ҳа, ҳамон фелетоннависи моҳирамон, ҳал мекунем,— сӯҳбати дуру дарози телефониро ба охир расонд муҳаррир ва ба Бунёд рӯ овард.

— Хӯш, писар, сиҳҳату саломатед? Сафар ба хайр гузашт?

— Ташаккур устод. Як ҳафта пурра дар сафар будам. Аммо фелетон тайёр не. Дар хоҷагии «Тараққиёт» чӣ тавре ки мо медонем, на танҳо фермаи чорво, балки ҳама соҳа меланҷад. Бешубҳа дар он хоҷагӣ ба ҷиноят даст задааанд. Ман фактҳоеро ба даст овардам, ки як қисми ҷиноятҳои роҳбарони хоҷагиро фош мекунанд. Тайёр набудани фелетон аз ҳамин сабаб. Мехостам маслиҳати шуморо гирифта, мавзӯи фелетонро фарохтар кунам.

— «Факт»-ҳоятон эътимоднокand, охир? Медонед, масъаларо мо ба миён нагузоштаем. Бюро бардоштааст масъалаи чорвои ин хоҷагиро ва худи котиби якум назорат мекунад онро, ки ҳоли ҳозир ҳам ёдрас намуд. Шумо ба ҷои як фермаи чорво ҳамаи соҳаҳои хоҷагиро зери тозиёнаи танқид гиред, боз ба ҷои салла каллаоварӣ нашавад, писар?

— Устод, — гуфт Бунёд бо овози як парда баландтар суханони муҳаррирро нисбати худ як навъ нобоварии ӯ пиндошта,— як ҳафта дар ҳамон хоҷагӣ будам, рухсат диҳед ду рӯзи дигар равам. То шумораи охири ҳафта фелетон тайёр мешавад. Барои ҳар як ҳарфаш ҷавоб медиҳам.

— Ба пухтакориатон шубҳа надорем, писар, аммо «ҳафт бор чен карда як бор буридан» то ҳол касеро фанд нододааст. Раиси «Тараққиёт» гурги борондида. Мудири ферма, ё бигирем ягон сардори бригадаи ӯро танқид кардан ҳеҷ гап не, аммо худи ӯро... Ин гапи дигар. Худатон ҳам кӯдак нестед, медонед бо кӣ сару кор доред. Эҳтиёт шавед. Ин мӯй,—ба сари чун куллаи кӯҳҳо нуқрафомаш ишора намуд муҳаррир,—дар ҳамин касб сафед шуд. Чӣ истеъдодҳо «шикастанд» аз каҷравиҳои айём. Ҷавонӣ, зинати умр аст, бешубҳа, аммо аз маризии бетаҷрибагӣ гоҳ дастшикаставу гоҳ пошикаста...

Ба Шумо барори кор мехоҳам.

—Сабил монад ин феъли ҳарина,—сӯи истгоҳи автобус қадамзанон худро сарзаниш мекард Бунёд,—бесабаб ранҷондам устодро. Ӯ-ку ба фоидаи ман гап мезад, чаро овозамро баланд кардам? «Барои ҳар як ҳарфаш ҷавоб медиҳам». Офарин, Шукурӣ, каромат кардӣ. Яъне дар ноомади кор туро ҷавобгару сари муҳаррирро сила мекунанд. Боз сухани моморо ба замин мондам. Фаромӯш мекунам моморо? Не, ҳаргиз!

—Сахт оташин шавӣ пеш аз калимае ба забон овардан то ҳафт шумур, ҷони момо. Ҳафт рақами илоҳист, хосият дорад,— мегуфт момо. —Ба калонсолон, ба падару модар, ба калонат (рохбар), ба зану духтари бегона сахт нигоҳ накун. Пасти шунаво гап зан. Калонат ҳам агар боимон бошад ба ҳукми падар аст, бачем. Ас Ҷаббори ҷӯраат ибрат гир, падари вай муаллим...

Ба чисман аз байн рафтани момо одат намекунад Бунёд. Ёд мекунад моморо... Осмони тирамоҳ аброгин аст. Фазои хотири Бунёд ҳам аз пагоҳӣ абролуд аст, агарчи дӯст медорад тирамоҳу боронашро. Чӣ рӯзи нахс буд имрӯз? Хоби ғафлат, рӯи турши Сафо Рӯзӣ, беодобӣ ба устод... Ин ҳама гӯё фишор меоранд ба дили Бунёд.

...Гоҳ дастшикаставу гоҳ пошикаста,—суханҳои муҳарририрро ба хотир меорад Бунёд,— мехост гӯяд, ки «гоҳи дигар гарданшикаста», аммо нагуфт. Бале, устод, медонам бо кӣ сару кор дорам...

Бо Саодат ҳам як нафас танҳо намондам...

Автобус дар баромадгоҳи маркази ноҳия истод. Нозирони роҳ нигоҳ доштанд.

—То соати даҳ рухсат доданд, роҳат низ дорам,—ба нозирон норозиёна муроҷиат кард ронанда.

—Ту додар, хеле худсар менамоӣ, рӯзи гузашта ҳам моро дарди сар дода будӣ. Мумкин не, намегузарӣ, рав додатро ба худо гӯ,—дағдаға мекард яке аз нозирҳо.

—О, ин қадар мусофир дорам— роҳпулиро ҳама ба касса супоридагӣ...

—Гап якто, додар. Мо ҳам фармонбардорем. Мусофиронро фурору ба паят гард. Ҳашарчиёнро ба сахро мебарӣ,—бо андаке мулоимӣ сухани ронандаро бурид нозири дуюм.

Ҷавонмарди олуфтанамои малламӯ, ки дар курсии пеши автобус менишасту авзояш бечо буд, норозиёна ғур-ғур кард. Ронанда ҳам якрав будааст, бахсаш бо нозирони роҳ тӯл кашид. Аз ҳаво нам меомад. Не, ин ҳоло борон не. Як қатра боронро аз элаки ҳазорчашма гузарондагӣ барин, намреза...

— Ҳой кали Қодир, — аз тирезаи автобус сар бароварда ба нозири аз худо ҳам зӯр дод зад марди олуфтанамо, — момонӣ, ки равем, ё фуроям?

— Эъ, акаи Наим, узр, ба худо, агар дида бошам, о намегӯед барвақттар,—ба узрхоҳӣ даромад нозир. Аз он бузургманишии ӯ ҳоло асар намонда буд. Дар пеши чашми қариб сӣ кас, ки чанд дақиқа пеш онҳоро ба ҳисоби одам намешумурд ҳеҷ шарм надошта ба марди малламӯ таъзимкунон роҳи сафед металабид...

Бунёд мешинохт ҷавони малламӯро. Ҷияни яке аз калоншавндагони ноҳия, Наими малла буд ӯ. Авбошу нашъаманд аст мегуфтанд ӯро... Фақат, чӣ шуда бошад, ки ин бор нақлиёти ҷамоатиро ба ҳуд муносиб дидааст ин нозпарвари замон... Ба ҳар ҳол хуб шуд, ки Наими малла ҳамин ҷо будааст, агар не мекафид Бунёд ба нозирони роҳ. Аҷаб ғамхорие дар ҳаққи пахта... Яъне оламиён бинанд, ки мо вақти сайру гашт надорем, ҳоло ҳама пахтакорем. О, ин чӣ бемазагӣ, кошкӣ дар сахро пахта монда бошад? Талх хандид Бунёд. Автобус ба роҳ даромад. Борон ҳам ҷон гирифт. Бунёд на чатр дошту на боронӣ. Аз маоши моҳи гузашта ба Саодат чатр тӯҳфа кард. Чатри қиммат-баҳои японӣ.

(Давомаш дар саҳ.4)

Латифаҳо

Дубайтиҳо

Хушо, бахту нишотат,
эй гули ман,
Дили ҳамвора шодат,
эй гули ман.
«Ҷавонӣ бигзарад ҳар
аз сари ман,
Ҷавон манам ба ёдат,
эй гули ман».
ххх
Бирезад бар сари
мо барфу борон,
Гаҳе нури маҳу
хуршеди тобон.
Чӣ мепурсӣ,
зи умрат чанд рафта?
Ба қадри умри барқ
аст умри инсон.
ххх
Маро бо шавқи афзун
офариданд,
Мисоли лола дилхун
офариданд.
Куҳан шуд қиссаи
Лайлову Маҷнун,
Маро вориси
Маҷнун офариданд.

Неъмати СУННАТУЛЛО,
ноҳияи Сӯх.

Рум ва Чин

Мегӯянд Ҳоҷа Амидуддин Асад вазири Саъд бинни Атобаки Занги бо пайғоме назди Султон Муҳаммад Хоразмшоҳ рафт. Дар байни сӯҳбат сухан аз санъати мутобиқат рафт. Хоразмшоҳ барбадеҳа ин байтро суруд:

Дар разм чу оҳанему дар
базм чу мум,
Бар дӯст муборакему
бар душман шум.

Ва барои имтиҳон Ҳоҷа Амид Асадро ба итмоми он ишора намуд. Ҳоҷа ҳам барбадеҳа байти дуввуми онро чунин сохт:

Аз ҳазрати мо баранд инсоф ба Чин,
Аз ҳайбати мо баранд зинҳор ба Рум.

Рашиди Ватвот ва Адиб Собир

Мегӯянд рӯзе барфи бисёр меомад ва боди сард мевазид. Дар чунин вақте Рашиди Ватвотро завқи сӯҳбати Адиб Собир шуд. Онҳо бо якдигар робитаи дӯстӣ ва муҳаббат доштанд. Чун Рашид ба дари хонаи Адиб Собир расид, ҳалқа бар дар зад. Канизаке пеши дар омад ва гуфт: — Кист?

Гуфт: — Рашид аст ва Адибро мехоҳад.

Гуфт: — Хоҷаам дар хона нест.

Рашид ин байтро барбадеҳа бигуфт:

Он кас, ки бурун равад дар ин рӯз,
Нодонтар аз ӯ каси дигар нест.

Адиб Собир шунид ва сар аз даричаи болохона, ки бар пушти долон сохта буд, берун кард ва дар ҷавобаш барбадеҳа гуфт:

Ман худ ба ҳарамсарои хешам,
Пайдост, ки бар буруни дар кист.

Порукашӣ

Гӯянд вақте Нодиршоҳ шеъри номавзуне гуфт ва аз Мирзо Маҳдихон пурсид, ки ин шеър чӣ гуна аст. Мирзо Маҳдихон гуфт: — Номавзун аст. Нодир хашмнок шуда фармуд, то ӯро ба тавила бурда ба порукашӣ андозанд. Вақте бори дигар Нодир шеъри дигаре гуфт ва аз Мирзо Маҳдихон тасдиқ хост, Мирзо Маҳдихон фавран аз ҷо бархост ва равона шуд:

Нодир пурсид: — Кучо меравӣ?

Гуфт: — Дар тавила барои порукашӣ.

Сабук кун бори гардан ҳам...

Мегӯянд дар аҳди Султон Ҳусайн Бойқаро Соней ном шоире буд, ки ба дарачаи вазирӣ ҳам расида буд. Ӯ аз ҳад зиёд дастори калон мебаст ва аз андоза берун ба мардум зулм мекард. Ӯ зулму бедодгариро ба ҳадде расонд, ки мардум ба дод омаданд ва Ҳусайн Бойқаро маҷбур шуд ӯро танбеҳ кунад. Бинобар ин рӯзе дар ҳузури аҳли дарбор ӯро таҳқир карда фармуд, ки дасторашро аз сараш дур андозанд.

Алишер ҳам дар он мачлис ҳозир буд ва ба подшоҳ ҳитоб карда фавран гуфт:

Чу бори сар сабук кардӣ,
Сабук кун бори гардан ҳам.

Наргиси бадмаст

Мегӯянд шоира Нурчаҳон дар бадеҳагӯӣ хеле моҳир буд ва аксаран бо шоҳ Ҷаҳонгир, ки гоҳ-гоҳ шеър мегуфт, мушоира мекард.

Рӯзе Ҷаҳонгир ба чашмони махмури Нурчаҳон ишора намуда гуфт:

Ту масти бодаи ҳуснӣ, бифармо
ин ду наргисро,
Ки бархезанд аз хобу нигаҳ
доранд маҷлисро.

Нурчаҳон фавран ҷавоб дод:

Макун бедор, эй соқӣ, зи хоби
ноз наргисро,
Ки бадмастанду барҳам мезананд
алҳол маҷлисро.

Гирдовараида ШОҲИД.



Имрӯзҳо ширкати «Гайдфилм»-и Голливуд дар Бухорои бостонӣ аз рӯзгори Умари Хайём филме таҳти унвони «Нигоҳдоранда» ба навор мегирад. Рубоиёти ҳаким анқариб ба ҳамаи забонҳои асосии дунё тарҷума шудаанд.

Дар акс: *оромгоҳи Умари Хайём дар шаҳри Нишопур.*

Аз дафтари муштариён

Пул

Молҳо, сармояҳо пайдо зи пул,
Мансабу курсӣ шавад боло зи пул.

Мекунад номусро абгор пул,
Ориятро менамояд хор пул.

Пул кунад касро ба нокас рӯ ба рӯ,
Кулфату ранҷу балоҳо ҳам аз ӯ.

Муфтхӯру дуздро ёр аст пул,
Нобакоронро мададгор аст пул.

Ҳар касе, ки аз паи пул медавад,
Лаззате аз даҳр нодида равад.

Хушвақт УМРУЛЛОЕВ,
ноҳияи Бекобод.

Мерасӣ боз

Чун нафасҳои баҳорӣ мерасӣ боз,
Ташнаву масту хуморӣ мерасӣ боз.
Ҳамчу мавҷи рӯдҳои кӯҳсорон,
Бо хаёли беқарорӣ мерасӣ боз.
Ҳар гаҳе, ки ҷома пӯшад беду ар-ар,
Ҳамчунон зебой порӣ мерасӣ боз.
Дар суроғи рӯи гул то гулситоне,
Мерасад ҳар дам ҳазоре, мерасӣ боз.
Бо сухан Нотиқ кашад ҳар дам нигоре
Бо хатеву бо нигоре мерасӣ боз.

Холбой ҶАЛИЛ,
ноҳияи Сариосиё.

Дар канори беди маҷнун ёди Маҷнун мекунам,
Бесадо з-ин дуриҳо фарёди Маҷнун мекунам.

Ифтихор

Ӯзбекистон — кишвари озоди ман,
Бо ту ин дам сарфарозиҳо кунам.
Рӯи олам гаштай овозадор,
Шеър гӯям, дилнавозиҳо кунам.

Шодмонам, з-он ки дар чашми ҷаҳон,
Партавафшон байрақат шому саҳар.
Мужгонӣ медиҳад бар одамон,
Аҳду паймонат ҳам аз фатҳу зафар.

То расам бар қуллаи армони хеш,
Сачда орам бар Ватан, бар модарам.
Қисматам гул-гул шукуфад бегумон,
Дар паноҳи мулки инсонпарварам...

Ӯзбекистон — давлати яктои ман,
Аҳли олам дар хаёли васли туст.
Ишқи поку ҷоннисорӣ бар Ватан,
Қарзу фарзи ҷовидони насли туст.

Нормурод КАРИМЗОДА,
ноҳияи Самарқанд.

Оинавор

Ин ҷаҳон оинаест,
Ҳар чи мебинӣ дар он оинаест.
Чашму завку гӯш ҳастӣ,
Фаҳм ҳастӣ, хуш ҳастӣ.
Олами андешаию рӯ ба рӯ
Ошкорову ниҳон оинаест.

Ҳар чӣ бинӣ, бишнавӣ аз ту ба туст,
Корҳо бо худ бувад оинасон.
Нек бошу низ бадкорӣ макун,
Пок шав аз қудрати оинасоз.
Акси ҳар аъмоли неку бад нигар,
Ҳар ҷавоби мардумон оинаест.

Эй ки меҷӯӣ ту дидор ин ҳама,
Кӯш, то бошӣ сазовор ин ҳама.
Аз ғазаб оина машкан,
чашми ибрат боз кун,
Асли худ бишнос,
кашфи ин ҷаҳони роз кун.
Хештан бинӣ гаҳе дар партаваш,
Ин ҳама шеъри равон оинаест.

Киштаҳо

Ҳамчунон Зардушти деҳқон
Кишт созам субҳгоҳон.
Барканам то аз замин бехи зиён.
Марзи худро шухм дорам,
Дар фарозаш тухм корам.

Шомгоҳон
Кишти дигар интизорам,
Дафтари эҷоду ашъорам.
Менигорам дар баёзи мазраи шеър,
Дона-дона, реза-реза мисраи шеър.

Боз киште рӯзу шабҳо дорадам
машғул,
Нозукона-мазраи дил.
Меканам з-он решаи кибру риё,
Кишт созам тухми уммеду вафо.

Ин се мазраъ шуғли ҳар рӯзи ман аст,
Қисмати худсозу худсӯзи ман аст.

Фозил ШУКУРЗОД,
ноҳияи Сариосиё.

Маҳбуби ҳама

Очерк

(Аввалаш дар саҳ.2)

Ҳамон солҳо вазири маорифи ҷумҳурии Ӯзбекистон Эминҷон Қодиров ба вилояти Сурхондарё, минҷумла ба ноҳияи Бойсун омада бо кору бори омӯзгорон, рафти таълим шиносе шуд. Аҳмад Валиев ҳамчун директори ҷавон ба вазир аз нарасидани омӯзгорони ихтисоснок маълумот дод. Аз ӯ хоҳиш намуд, ки дар ин кор ба онҳо ёрии амалӣ расонад. Вазир ваъда дод, ки дар ин бобат ба сардори сарраёсати таълими вилояти Самарқанд Ҳақбердиев, ки барои фиристодани омӯзгорони ботаҷриба ба вай ёрӣ расонида буд, мерасад. Ба худ мегӯяд, ки ба ивази ин некиаш ба ин мард лоақалл ташаккур гӯяд, кори савоб мешуд. Бо ҳамин андеша ба идораи Ҳақбердиев омада, ӯро пайдо намекунад. Рӯзи дигар дубора меояд. Ба назди Ҳақбердиев даромада худро шиносонида сипосгузории хешро ба ин марди нек баён мекунад. Мудир хурсанд шуда аз кору бори Аҳмад Валиев пурсон мешавад. Мақсади ба ин шаҳр омадани хешро изҳор мекунад. Ҳақбердиев ба андеша монда ба роҳбари шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Ефимов занг зада хоҳиш мекунад, ки ба ин омӯзгори ҷоннисор кӯмак расонад. Ҳамин тариқ, Аҳмад Валиев бо дастгирии ин марди хайрхоҳ ба факултаи таъриҳи донишгоҳ дохил шуда, онро соли 1954 хатм мекунад.

Соли 1955 Аҳмад Валиев мудири шӯъбаи таълими халқи ноҳияи Бойсун таъин мешавад. Ӯ дар ин вазифа 7 сол кор мекунад. Дар ин муддат барои баланд бардоштани сифати таълим, малакаву дониши омӯзгорон, соҳтмони таълимгоҳҳо хизмати бисёр кардааст, ки то ҳол омӯзгорону собиқадорони меҳнат аз ин корҳои неки омӯзгор ёд мекунанд.

Боре як шиносаш ба назди ӯ омада, дар бораи ахлоқи бади бародараш шикоят мекунад ва афсӯс меҳӯрад, ки ӯ лоаққал мактабро хатм накард. Аҳмад Валиев он ҷавонро ба наздаш хонда, бо ӯ дурудароз сӯҳбат мекунад ва ӯро барои хатми пурраи мактаб ба таълимгоҳе месупорад. Ин ҷавон мактабро хатм намуда ба донишгоҳ шомил мешавад. Донишгоҳро хатм намуда, дубора ба назди Аҳмад Валиев меояд. Ба ӯ миннатдории хешро изҳор мекунад.

Чунин мисолҳоро аз ҳаёти омӯзгори Шоистаи ҷумҳурии Ӯзбекистон Аҳмад Валиев хеле зиёд овардан мумкин.

Соли 1963. Котиби аввали кумитаи ҳизби вилояти Сурхондарё Фахриддин Шамсиддинов, ки он вақт директори мактаби ба номи Навоӣ буд, ба назди худ хонда мегӯяд, ки вазифаи директори саҳрихонаро ба дӯши худ гирад. Саҳрихона он вақт дар ноҳияи Шӯрчӣ воқеъ буд. Саҳрон дар як ҳолати ногувор таълим мегирифтанд ва мезистанд. Ҳонаи бачагонро бо хоҳиши роҳбарони вилоят ба ноҳияи Бойсун мекӯчонад, вале барои онҳо бинои таълимӣ, ҷои хоб набуд. Ӯ дар ин бора ба роҳбари ҳамонвақтаи ҷумҳуриамон Шароф Рашидов мактубе менависад. Ва пас аз чанде худи ӯ ба анҷумани омӯзгорони ҷумҳурӣ меравад. Дар кори анҷуман Шароф Рашидов иштирок мекард. Ҳангоми таноффус бо Шароф Рашидов вохӯрда, натиҷаи мактубро пурсон мешавад. Ш.Рашидов мегӯяд, ки бояд ба вай дар ин бобат раиси планкашии ҷумҳурӣ Зиёдуллоев ҷавоб диҳад. Ҳамон рӯз Шароф Рашидов ба Зиёдуллоев тавассути телефон ҷавоби мактуби Аҳмад Валиевро пурсон мешавад. Ҳамин тариқ, барои сохтмони саҳрихона маблағи лозимӣ ҷудо мекунанд.

Он солҳо хонандагони саҳрихона дар чаҳор, панҷ мактаб таълим мегирифтанд. Мураббиён барои назорати онҳо фурсат намеёфтанд. Муаммоҳои тарбия хеле зиёд мешуд. Дар тамоми ҷумҳурӣ аҳвол ҳамин тавр буд. Аҳмад Валиев барои ҳалли ин масъала бо вазири маорифи ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ Шермуҳаммедов гуфтугӯ мекунад. Вазир ниҳоят розигӣ медиҳад, ки таълимгоҳ низ дар назди хобгоҳи саҳрихона сохта шавад.

Солҳои роҳбарӣ дар ин таълимгоҳ Аҳмад Валиев барои бунёди хочагии ёрирасон заҳмати бисёре ба харҷ додааст. Он солҳо саҳрихона 70 сар гови дӯшӣ ва 240 сар бузу гӯсфанд дошт. Бачаҳо бо гӯшти тоза ва ширу қаймоқ пурра таъмин карда мешуданд. Боре ҳангоми санҷиш аз ҳисоби ҷиҳозҳо ба ҳисобгирӣ ба ҳисобгирӣ ба ҳисобгирӣ